Бани одам аъзои якдигаранд!

Овози тоҷик

آواز تاجيك

Рӯзнома аз соли 1924 мебарояд

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991).

РӮЗНОМАИ ОЛИЙ МАҶЛИС ВА ДЕВОНИ ВАЗИРОНИ ҶУМҲУРИЯТИ ӮЗБЕКИСТОН

25 январи соли 2003. Шанбе № 7 (12850)
Дар фурӯш нархи озод. Рӯзнома соати 15.30 имзо гардид.

Меъмори истиқлол

Нашриёти «Адолат» китоберо таҳти унвони «Мустақиллик меъмори» («Меъмори истиқлол». «Ҷузъҳо ба портрети Ислом Каримов») аз чоп баровард.

Дар китоб дар бораи марҳалаи ба вазифаи сарвари давлат шурӯъ кардани Ислом Каримов, рӯзи ба даст овардани истиқлолияти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон 31 августи соли 1991, иқдомҳои аввали мамлакати ҷавон, аз тарафи Президенти Ӯзбекистон чӣ тавр барҳам задани душвориҳои аввал, дар бораи комёбиҳое, ки таҳти сарпарастии роҳбари давлатамон дар солҳои истиқлолият ба даст оварда шудаанд, нақл карда мешавад.

Дар вазъияти мураккаб, вақте ки қатъияту мардонагӣ ва баробари ин риоя кардан ба қоидаи аз озмоишгузаштаи—«ҳафт бор чен карда, як бор бур» талаб карда мешуд, ирода, қатъият ва мардонагии Ислом Каримов намоён гардид. Дар китоб дар мамлакати мо таҳти сарварии Ислом Каримов қарор ёфтани сулҳу салоҳ ва умуман дар кишвари мо ба туфайли ҷасорати калон ва саъю ғайрати бузурги ӯ таъмин гардидани мӯътадилӣ таҳлили холисона пайдо карда, бо рӯҳбаландии бузург ҳикоя карда шудааст.

Ислом Каримов аз рӯзҳои аввали фаъолияти худ ба сифати Президент сараввал ба муаммоҳои мураккабу ниҳоят гиреҳнок рӯ ба рӯ гардид. Мебоист халқи ӯзбек аз маломатҳову таънаҳои беасос ва бӯҳрони душвор наҷот ёфта, сулҳу салоҳ ва мӯътадилӣ таъмин мегардид. Ҳамон айём он ба мисли аз як ҷо кӯчондани кӯҳ ба ҷои дигар шабеҳӣ дошт. На ҳар роҳбар аз ӯҳдаи ин вазифа мебаромад. Вале Ислом Каримов онро ӯҳда кард.

—Дар солҳои истиқлолият сарвари мамлакатамон дар роҳи рушд ва шукуфонии давлатамон корҳои бузургу фавқулодда муҳимро ба иҷро расонданд,—иншо кардааст муаллифи китоб, Қаҳрамони Ӯзбекистон Озод Шарофиддинов.—Ман ягонтои онро аз ҳамдигар паст нагузошта, онҳоро иқдоми аввали ҷасуронаи Ислом Каримов ҳамчун сарвари мамлакат меҳисобам ва қайд мекунам, ки ҷасорати калон ва қаҳрамонии бемисл ҳамин буд, ки ӯ халқи ӯзбекро аз таънаву маломатҳо ҳимоя намуд, ба вай сулҳу салоҳ ва осудаҳолиро баргардонд. Ва аз ҳамин сабаб тамоми халқ хизматҳои бузурги ин шахси фидокорро эътироф мекунад ва воло арзёбӣ менамояд.

Дар лаҳзаҳои возеҳи ҳаётӣ китоб аз хусуси фазилатҳои аҷиби ба Президентамон хос—фидоии бекиёс, қаҳрамонӣ ва ҷасорати ҳақиқӣ, ақлу заковати бузург, нерӯи бузурги ҷисмониву маънавӣ нақл мекунад. Ва ҳамаи онҳо дар фаъолияти ҳаррӯзаи бунёдкоронаи Президент зуҳур меёбад, ки дар солҳои истиқлолият амалӣ гардидаанд.

Дар китоб ҳамчунин аксҳо аз хусуси фаъолияти серкирраи сарвари давлатамон чоп гардидаанд.

Китоби мазкур, ки «Президент» ном гирифтааст, китоби аввалин аз силсилаи «Рамзҳои давлат ва миллат» мебошад, ки Маркази ҷумҳурии маърифати ҳуқуқӣ ба чоп омода месозад.

Китоб дар матбааи Ширкати саҳҳомии табъу нашри «Шарқ» рӯи чопро дидааст.

(ӮзА).

Ғолибон муайян гаштанд

Дар мамлакатамон ба тайёркунии ҷавонон ба ҳаёти мустақилона, таҳкими оромиву осоиш ва ризоият дар оила, ҳифзи ҳуқуқҳои модарон ва бачагон диққату эътибори махсус нигаронда шудааст. Дар ин бобат иҷрои вазифаҳое, ки дар Барномаи мақсаднок оид ба рӯи об баровардани қарори Девони Вазирон дар бораи тадбирҳои амалӣ гардондани самтҳои устувори баланд бардоштани маданияти тиббии оила, таҳкими тандурустии бонувон, тавлид ва тарбияи авлоди солим пеш гузошта шудаанд, аҳамияти калон касб мекунад.

Ба ҳамин муносибат соли 2002 Кумитаи занони Ӯзбекистон ва Бунёди хайроти «Маҳалла» қарор дода буданд, ки озмун-азназаргузаронии ҷумҳурии «Соғлом оила» гузаронда шавад.

Дар озмун оилаҳо аз Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон, вилоятҳои мамлакатамон ва шаҳри Тошканд иштирок намуданд. Тавсифномаи оила аз нуқтаи назари иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва хоҷагидорӣ, таҷриба дар бобати тарбияи кӯдак дар оила, муносибати солимона ба арзишҳову анъаноти миллӣ, маънавӣ ва умумиинсонӣ маҳаки асосӣ ҳини муайян кардани ғолибон буд.

Мукофоти аз ҳама волои озмун—Гран При ба оилаи Юсуфбой Худойбердиев, аз ноҳияи Янгиариқи вилояти Хоразм дода шуд. Ҷои аввалро аз шаҳрчаи Ҷондори вилояти Бухоро оилаи Шарофиддин Шарипов, ҷойҳои дуюму сеюмро—оилаҳои Тухтахон Раҳимова аз вилояти Намангон ва Етбосин Икматуллоева аз шаҳри Нукуси Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон ишғол намуданд.

(ӮзА).

Маҷлиси махсуси ША СММ

Дар Ню-Йорк маҷлиси махсуси Шӯрои Амният оид ба масъалаҳои мубориза ба муқобили терроризм ба амал омад. Дар он вазирони умури хориҷаи давлатҳо—узви Шӯро иштирок намуданд.

Нотиқони маҷлис фаъолияти Кумитаи зиддитеррори СММ-ро маъқул дониста, зарурати ратификатсияи ҳуҷҷатҳои мавҷудаи байналхалқиро дар ин соҳа аз тарафи ҳамаи давлатҳо қайд намуданд.

Аз рӯи натиҷаҳои маҷлис эъломия қабул гардид, ки дар он зикр ёфтааст, ки ҳар гуна амалиёти террористӣ ҷиҳати ҷинояткорӣ дорад аз кадом сабаб рух доданаш бо ягон рафтор сафед карда намешавад.

Дар Эъломия зикр ёфтааст, ки «таҳдиди ҷиддиву пайваста афзояндаи бархурдор гардидани террористон аз силоҳҳои ядроӣ, биологӣ, дигар маводҳои нерӯи марговаранда мавҷуд аст». Ба ҳамин муносибат ША СММ зарурати пурзӯр кардани назоратро аз болои он зикр менамояд.

Шӯрои Амнияти СММ диққату эътиборро ба зарурати қабул кардани тадбирҳои қатъиву таъхирнопазир ҷалб сохт, ки мебояд ба решакан кардани маҷроҳои молиявие, ки мақсадҳои террористӣ истифода бурда мешаванд, равона гарданд ва давлатҳои ҷомеаи ҷаҳониро даъват намуд, ки «фавран иштирокдори тамоми конвенсияву ҳуҷҷатҳои байналхалқие гарданд, ки ба муаммои терроризм алоқаманд мебошанд. Аз он ҷумла, мебояд Конвенсияи байналхалқии соли 1999 оиди мубориза бо муқобили бо маблағфарогирии терроризмро ба роҳбарӣ бигиранд».

Шӯрои Амният ба Сармуншии СММ таклиф пеш гузошт, ки дар бадали 28 рӯз маърӯзаро баробари умум гардондани таклифу мулоҳизаҳое, ки вазирони умури хориҷа дар рафти маҷлиси махсус баён карданд, тайёр намояд.

Б.МАМАҶОНОВ,
ОИ «Ҷаҳон».

Ню-Йорк.

Дар бораи сафари давлатии Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон ба Шоҳигарии Испониё

27 — 29 январи соли 2003 мувофиқи таклифи Шоҳи Испониё Хуан Карлос 1 Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Ислом Каримов бо сафари давлатӣ ба Шоҳигарии Испониё ташриф меоварад.

Дар рафти сафар муҳокимаи вазъ ва пешомадҳои рушди муносибатҳои дуҷониба , муаммоҳои байналхалқие, ки ҳар ду ҷониб ба онҳо майлу шавқ доранд, ҳамчунин ба имзо расондани як қатор ҳуҷҷатҳои дуҷониба дар назар дошта шудааст.

Фармони Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон

Дар бораи ҷонишини Нахуствазири Ҷумҳурияти Ӯзбекистон-вазири иқтисодиёти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон-сарвари Маҷмӯи умумииқтисодӣ таъин кардани Р.С.Азимов

Азимов Рустам Содиқович ҷонишини Нахуствазири Ҷумҳурияти Ӯзбекистон-вазири иқтисодиёти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон-сарвари Маҷмӯи умумииқтисодӣ таъин карда шавад.

Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон
И.КАРИМОВ.

шаҳри Тошканд, 22 январи соли 2003.

Фармони Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон

Дар бораи Сафири Фавқулодда ва Мухтори Ҷумҳурияти Ӯзбекистон дар Малайзия таъин кардани О.Р.Ҳасанов

Ҳасанов Ойбек Рустамович Сафири Фавқулодда ва Мухтори Ҷумҳурияти Ӯзбекистон дар Малайзия таъин карда шавад.

Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон
И.КАРИМОВ.

шаҳри Тошканд, 21 январи соли 2003.

Дар ҳошияи фармону қарор

Рушди варзиши бачагон — вазифаи ҳамагон

Аҳли меҳнати шаҳри Бекободи вилояти Тошканд дар аксар ҷабҳаҳои хоҷагии халқ ба комёбиҳои калон муваффақ мегарданд ва он аз ҳамин гувоҳӣ медиҳад, ки ислоҳот дар ҳаёт бомуваффақият татбиқ гардида, самараи хуби худро мебахшад. Алалхусус, диққату эътибор ба авлоди наврас пайваста пурзӯр мегардад. Муассисаҳои нав ба нави таълимӣ, тандурустӣ, варзишӣ сохтаву аз тармим бароварда мешаванд. Аз он ҷумла тармими ҷории беморхонаи бачагонаи шаҳрӣ оғоз ёфта, баробари маблағи буҷа пули васоятгарон ҳам истифода бурда мешавад. Минҷумла, иттиҳодияи истеҳсолии саҳҳомии «Ӯзметкомбинат» 15 миллион сӯм, Ҷамъияти саҳҳомии «Бекободсемент» 8 миллион сӯм маблағ ҷудо карданд, маблағи дигар корхонаву ташкилотҳо истифода мегардаду он дар арафаи иди умумихалқии Наврӯз пурра аз даст баромада, ба хизмат мепардозад.

Ҷамоаҳои меҳнатии шаҳрамон дар бобати ба рӯи об баровардани Фармони Президент ва қарори ҳукумат оиди ташкили Бунёди рушди варзиши бачагони Ӯзбекистон ва ба роҳ мондани фаъолияти он корҳои зиёдеро ба иҷро мерасонанд ва хуб медонанд, ки варзиш ин пеш аз ҳама саломатӣ мебошаду барои фарзандони худ маблағро дареғ намедоранд. Алҳол дар шаҳрамон 23 толори варзишӣ, даҳҳо майдонҳои футбол, баскетбол, дар назди мактабҳои варзишии бачагону наврасон бошад, маҳфилҳои мухталифи варзишӣ кор мекунанд. Мо аҳамияти калон доштани варзишро дар ҳаёти наврасону ҷавонон ба назар гирифта, барои аз нав ҷиҳозонидани варзишгоҳҳо, майдончаҳои мухталифи варзишӣ шурӯъ намудем. Корҳо аз рӯи таҷдиди варзишгоҳҳо ва маҷмӯъҳои варзишӣ сохтмони иншоотҳои нави варзишӣ оғоз ёфтанд.

Алҳол сохтмони боғи истироҳат ва фарҳанги шаҳр оғоз ёфт, ки 20 гектар заминро ишғол намудааст. Дар ин ҷо сохтани маҷмӯи варзишиву солимгардонӣ ба назар гирифта шудааст. Корҳо бо роҳи ҳашар ба иҷро мерасанд. Майдони футболбозӣ аз даст баромад. Ду корти теннис ва майдончаҳои баскетболу волейбол сохта мешаванд. Ва ҳамаи ин тадбирҳо ва корҳои минбаъда пеш аз ҳама барои рушди варзиши бачагона дар шаҳрамон хизмат мекунад ва бешак бор меоварад.

Маъмурхон АЛИҚУЛОВ,
раиси кумитаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиши шаҳри Бекобод.

Мактаби варзишии бачагону наврасони деҳоти ноҳияи Бӯстонлиқи иттифоқҳои касабаи вилояти Тошканд дар шаҳри Ғазалкент фаъолият пеш бурда, 500 нафар бачагону наврасон бо шаш намуди варзиш: кураш, футбол, варзиши сабук, вазнбардорӣ, муштзанӣ фаро гирифтаанд.

Дар сурат: *устоди варзиш аз рӯи муштзанӣ* ***Нургалӣ Абдураҳимов*** *бо варзишгарони ҷавон. Вай даҳ сол боз мураббигӣ мекунад.*

Аксбардор:
Владимир ПОРТНОВ.

Барои беҳдошти маданияти истеъмолӣ

Ҳар як шаҳрванд сарфи назар аз мавқеаш дар ҷамъият бинобар эҳтиёҷоти ҳаррӯзааш истеъмолгар ба ҳисоб меравад. Истеъмолгар пурра ҳуқуқ дорад, ки маҳсулоти хушсифат харид кунад ва аз хизматрасонии хуб истифода барад.

Дар мамлакатамон асосҳои мустаҳками қонунгузории ҳифзи ҳуқуқи истеъмолгарон созмон дода шудааст. Қонунҳо «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқи истеъмолгарон», «Дар бораи сифат ва бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ», «Дар бораи нишонҳои молӣ, нишонҳои хизматрасонӣ ва номгӯи маҳалли истеҳсоли молҳо» ва дигар ҳуҷҷутҳои меъёрӣ аз ҷумлаи онҳост.

Қарори Девони Вазирон «Дар бораи тадбирҳо оид ба васеъ гардондани иштироки ҷомеа дар ҳифзи ҳуқуқи истеъмолгарон», ки 28 ноябри соли 2002 қабул шудааст, дар боз ҳам пурра ба амал баровардани қонунҳои дар боло зикршуда қадами муҳим гардид. Қарори мазкур ба он нигаронда шудааст, ки дар кори ҳифзи ҳуқуқ ва манфиати истеъмолгарон ҷомеа васеъ ҷалб карда шавад, бозори дохилӣ аз молҳои пастсифат ва ба ҳаёту саломатии одамон зарардошта ҳимоя карда шавад, назорати ҷамъиятӣ аз болои он пӯрзур гардонда шавад. Баробари ин қарори мазкур барои минбаъда васеъ гардондани кори баланд бардоштани маданияти ҳуқуқию истеъмолии аҳолӣ такони ба худ хос гардид.

— Афзоиши маданияти ҳуқуқии шаҳрвандон дар баланд бардоштан ва маданияти истеъмолӣ аҳамияти муҳим дорад, — мегӯяд дар сӯҳбат бо хабарнигори ӮзА раиси Федератсияи ҷамъиятҳои ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолгарони Ӯзбекистон З. Сайдаминова. — Дар мамлакатамон дар ин самт корҳои муайяни таблиғотӣ гузаронда мешавад, вале сарфи назар аз ин маданияти истеъмолии аҳолӣ ба талаботи имрӯза ҷавобгӯ нест.

Инсоне, ки дар ҷамъият зиндагӣ мекунад, бояд ҳуқуқҳои ба саломатӣ ва ҳаёт марбути хешро донад.

Мисоли оддӣ: барои хариди хӯрокворӣ ё ки маҳсулоти зарурӣ ба мағозаи дилхоҳ медароем, пулашро ба фӯрушанда пардохта, молро гирифта роҳамонро идома медиҳем. Ҳатто мол дар куҷо, кай, аз ҷониби кӣ истеҳсол шудааст, вайро чӣ хел ва то кадом мӯҳлат истеъмол бояд кард мароқ зоҳир намекунем. Аз ин рӯ мо баъзан ғамгин мешавем, ки пуламонро барои «моли ҷилдаш хушрӯ» харҷ кардем.

Дар айни ҳол мо ҳуқуқ дорем, ки аз фурӯшанда дар бораи мол, хусусияту сифати вай, шароитҳои истеъмол, кафолат ва мӯҳлати истифода, инчунин сертификати мувофиқат, ки молистеҳсолкунандаву арзиши вайро нишон медиҳад ва бехатарии молро тасдиқ мекунад, маълумот ва баробари ин дар бораи корхонае, ки ин маҳсулотро истеҳсол намудааст, дигар маълумотҳоро талаб кунем.

Ҳангоми харид намудани молҳои истифодаашон дарозмӯҳлат додани чеки молӣ, забонхат ё ки квитансия, ки мӯҳлати харид ва арзиши мол, маълумот дар бораи корхонаи молистеҳсолкунанда нишон дода шудааст, талаб кардан зарур. Агар шаҳодатномаи техникии мол вуҷуд дошта бошад, дар ин ҳолат талаб кардан лозим, ки ба вай мӯҳлати фурӯши мол, имзои фурӯшанда, мӯҳр ё ки штампи ҷоркунҷаи корхона гузошта шавад.

Дар моддаи 10-и Қонун « Дар бораи ҳифзи ҳуқуқи истеъмолгарон» гуфта мешавад, ки ҳангоми хариду фурӯш ба харидор чеки кассатсионӣ ё ки молӣ дода мешавад. Дар амал ҷорӣ шудани ин низом пеш аз ҳама, на танҳо кафолати ҳифзи ҳуқуқи истеъмолгар, балки муомилоти қонунии маблағи пулиро таъмин мекунад. Дар солҳои охир дар мамлакатамон дар ин самт корҳои калонмиқёс ба амал бароварда мешавад. Вале тамоми нуқтаҳои савдо ва звеноҳои соҳаи хизматрасонӣ фаъолияташонро дар асоси қонун ба роҳ мондаанд, гуфтан мумкин нест. Ба ин аз ҷониби шаҳрвандон пурра истифода нанамудани ҳуқуқҳояшон мусоидат мекунад.

Дар бораи зарурати талаб намудани чеки молӣ барои хариду хизматрасонии мухталиф бисёр ҳарф мезананд. Аммо дар айни ҳол мо на танҳо чекро талаб намекунем, балки ба чеки фурӯшанда дода аҳамият ҳам намедиҳем. Вақтҳое мешавад, ки ҳамон чек ба сифати ҳуҷҷати тасдиқкунандаи факти хариди маҳсулот ё ки хуроквcovorӣ барои ҳифзи ҳуқуқҳоямон асоси ҳуқуқӣ шуда хизмат карда метавонад.

Ҳангоми вуҷуд доштани чек, чи хеле ки дар қонуни мазкур нишон дода шудааст, истеъмолгар дар бадали даҳ рӯз, аз рӯзи хариди маҳсулоти ғайриозуқаворӣ сифаташ муайян ҳуқуқ дорад, ки вайро дар худи ҳамон фурӯшанда ба моли арзишаш баробар иваз намояд, ё ки дар ҳолати дар мағоза набудани ин зумра мол баргардондани пулро талаб намояд. Тамоми эътирозҳои ҳангоми мӯҳлати кафолатнок зоҳиршударо фурӯшанда бояд аз рӯзи пешниҳод намудани эътироз дар зарфи бист рӯз, истеҳсолгар бошад, дар зарфи даҳ рӯз беподош ҳал намояд.

Ба ин қонунҳо ва низомҳо такя намуда, Федератсияи ҷамъияти ҳифзи ҳуқуқи истеъмолгарон то имрӯз ба истеъмолгарон дар баргардондани қариб сад миллион сӯм ёрӣ расонд. Дар федератисия оид ба ҳифзи ҳуқуқи истеъмолгарон дастурҳои зиёд нашр мешаванд. Аз соли хониши оянда сар карда ба барномаҳои хониши мактабҳои таълими ҳамагонӣ, олӣ ва миёнаи махсуси муассисаҳои таълим дохил намудани бахшҳои матлубот ба нақша гирифта шудааст.

Дар айни замон вақте ки дар мамлакатамон асосҳои давлати ҳуқуқбунёди демократӣ ва ҷамъияти шаҳрвандӣ ташаккул меёбад, ин онро тақозо дорад, ки мафкураи ҳуқуқӣ ва ҷаҳонбинии тамоми шаҳрвандон мувофиқи он бошанд.

Аз ин ҷиҳат, пеш аз ҳама, агар ҳуқуқҳои оддии худро дарк намоянд ва аз вай истифода бурданро ёд гиранд, мувофиқи мақсад хоҳад буд.

Истеъмолгар дар ҳолати поймол шудани ҳуқуқаш пеш аз ҳама даҳонакӣ ба намояндагони мансабдори корхона, мағоза, устохона, дорухона, шифохона ва ғайраҳо, ки мол фурӯхтааст ё ки хизмат расондааст, муроҷиат намояд. Агар бо ин усул ҳуқуқ барқарор карда нашавад, вай ба мақомоти давлативу ҷамъиятӣ, ки ҳуқуқи истеъмолгаронро ҳимоя мекунанд, муроҷиат намояд. Инҳо Кумитаи давлатии демонополизатсия ва рушди рақобат, раёсату шӯъбаҳои минтақавии вай, инчунин Федератсияи ҷамъиятҳои ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолгарон, ҷамъияту пунктҳои такягоҳии минтақавии вай мебошанд.

Истеъмолгар инчунин барои пӯшондани зарари маънавиву моддӣ ҳуқуқ дорад, ки бевосита ба мақомоти судӣ муроҷиат намояд. Даъвоҳо ба мақомоти дахлдори ҳамон ноҳияе, ки ҷавобгар, даъвогар воқеъ аст, ё ки дар куҷое ки ба вай зарар расонда шудааст, дода мешавад. Дар чунин ҳолатҳо истеъмолгарон мувофиқи қонунгузории дар амалбуда аз додани боҷи давлатӣ озод карда мешаванд.

Норгул АБДУРАҲИМОВА,
мухбири ӮзА.

Шарҳи рӯзнома

Арзон беиллат нест

Агар дар ёдатон бошад, дар салтанати пештара мо аксар молҳои истеъмолиро аз дасти ҳаннотон мегирифтем. Яъне мағозаи давлатӣ аз ин маҳсулот камчин буду маҷбур будем аз хизмати ҳаннотон истифода барем. Акнун бошад вазъият ба куллӣ тағйир ёфтааст. Чӣ дар растаҳои савдо, бозорҳо, чӣ мағозаҳои калони давлативу ғайридавлатӣ, саҳҳомиву инфиродӣ молҳои гуногунро бемалол пайдо мекунем, ки аз тамоми қитъаҳои дунё оварда шудаанд. Барои ин ба давлату тадбиргаронамон, ба муттасадиёни савдо миннатдории худро баён мекунем. Охир, алҳол дар бозорҳоямон банану дигар меваҳои гармипарастро аз қитъаи Африқо, ҷойҳои хушбӯи Ҳиндистону Чин, пойафзолҳои машҳури Англияву Италиё, панирҳои хуштамъи Ҳӯлланд, арақҳои машҳури русу дигар давлатҳо, атрҳои хушбӯи Фаронса, телевизору радио, магнитофон, видеомагнитофон, аудиомагнитофонҳои фирмаҳои машҳури саросари ҷаҳонро пайдо мекунем. Албатта, нархҳои онҳо баъзан бароямон гаронӣ мекунанд ва ҳатман ба бозор рӯ меоварем. Чунки андаке бошад ҳам бо нархи арзон харид кардан мумкин аст. Вале дар ин ҷо як мақоли халқиро ҳатман аз хотир фаромӯш мекунем: «Арзон беиллат нест».

Зеро мо нархи арзонро маҳаки асосии худ қарор дода, сифатнокӣ, ба тамға мувофиқ будан, сертификати мувофиқати мол то чӣ андоза мос омаданаш ва дигар ҷиҳатҳои масъаларо фаромӯш мекунем. Ҳатто молро харида, баъзан гирифтани шиноснома, ҳуҷҷатҳои техникии онро фаромӯш мекунем. Ва он барои худамон, оиламон то чӣ андоза гарон афтиданашро пай намебарем. Алалхусус ҳангоми харидани озуқаворӣ бештар ба безътиборӣ роҳ мегузорем. Яъне молро гирифта, ба мӯҳлати то кай истифодабариву таркиби он, ба кадом фирмаву ташкилот мансуб буданашро ҳатто намепурсем. Оқибат аз он аҳли оила истифода мебаранду ҳодисаҳои нохуш рух медиҳанд. Аз маълумотҳои оморӣ бармеояд, ки дар мамлакатамон соли 2000 беш аз 162 нафар шаҳрвандони Ӯзбекистон аз озуқаворӣ заҳролуд гашта, ба табобатхонаҳо афтодаанд ва 9 нафари он вафот кардааст. Соли 2001 натиҷаи мазкур мутобиқан 192 ва 13 нафарро ташкил додааст. Соли гузашта ҳам натиҷаи мазкур паст нагардидааст ва даҳ нафар шаҳрвандонамон бо ҳаёт падруд гуфтаанд. Магар ин далелҳо аз беппарвоӣ, лоқайдии мо гувоҳӣ намедиҳад.

Дуруст аст, ки дар бобати ҳифзи бозори истеъмолиамон мақомоти ҳифзи қонуни тартибот ва ташкилоту муассисаҳои ба ин кор муттасадиву ҷавобгар корҳои калонеро ба иҷро мерасонанд. Маҳсулоти бадсифати таъиноти истеъмоливу маишӣ, саноатиро мусодира карда, то андозае барои пешгирӣ кардани ҳодисаҳои ногувор саҳм мегиранд. Вале ҳамоно аз сарҳад бо роҳҳои мухталиф, фиребу найранг, ғайриқонунӣ убур кардани он молҳои бадсифат медароянд ва онро «тадбиргарони» худамон ба иҷро мерасонанд, ки мақсадашон танҳо якто-зиёд кардани сарвати хеш аст. Дар ин бора бисёр далелҳо овардан мумкин аст. Вале танҳо ин рақамро биёрем кофист: соли гузашта танҳо дар вилояти Тошканд 3,5 тонна маҳсулоти моҳигии ғайриқонунӣ ворид гардида, аз тарафи кормандони гумрук мусодира гардидааст. Ба андозаи 40 миллион сӯмина машрубот азбаски бадсифат ҳастанд, дар ситодҳои гумрукӣ боздошта шудаанд. 1700 тонна спиртро азбаски сифаташ пасту ба саломатии инсон зараровар буд, барои азнавкоркард ба заводи араққи Янгийӯл фиристодаанд. 52 миллион сӯмина 16 навъ маҳсулоти чарчинвории бадсифат сӯхта шудаанд. Агар ҳамаи ин маҳсулот бо бозори дохиламон ворид мегардид, чӣ ҳолат рух медод, тасаввур кардан душвор аст.

Аз ин рӯ ба мақоли халқии «Арзон беиллат нест» қатъиян риоя намуда, ҳангоми харид кардани маҳсулот ба қонуну қоидаи муқарраргардида қатъан риоя кунем дар он сурат пеши роҳи ҳар гуна ҳодисаҳои ногувор гирифта мешуд...

Ҷоми мамолики ИДМ

Иқдоми дилпуронаи «Пахтакор»

Ба ҳамагон маълум аст, ки дар шаҳри Маскав вохӯрии футболбозони тимҳои қаҳрамони мамолики ИДМ барои ба даст овардани Ҷоми қаҳрамонҳои мамолики ИДМ давом дорад. Дар он тимҳои қаҳрамони мамолики ИДМ якҷоя бо тимҳои ҷавонони Россияву Озарбойҷон дар чор гурӯҳ иштирок намуданд. Тими «Пахтакор» дар гурӯҳи худ бо панҷ хол ҷои аввалро ишғол намуда, тахмини баъзе мутахассисонро дар бобати хеле суст будани тим пуч баровард. Чунки «Пахтакор» тими пурқуввати гурӯҳи худ ва даъвогари асосӣ барои ба даст овардани ҷом «Шахтёр»-и Донецкро бо ҳисоби 2:0 мағлуб сохта, футболбозони украиниро дар ҳолати душвор мононд. Ин аст, ки онҳо дар ду вохӯрии минбаъда ҳамагӣ як хол ба даст оварда, дар гурӯҳи худ ҷои аз ҳама охиринро ишғол намуданд.

22 январ мусобиқаҳои чорякфинал оғоз ёфта, дар он тимҳои номдор, ғолибони гурӯҳҳо ба ҳам вохӯрданд. Ин даъфа низ ба «Пахтакор» тими соҳили Балтика «Флора»-и Эстония рӯ ба рӯ гардид. Аз дақиқаҳои аввалин «Пахтакор» ташаббусро ба даст гирифт. Ин буд, ки дар дақиқаи ҳафтуми вохӯрӣ ҳисоб кушода шуда, «Пахтакор» ба пеш гузашт. То танаффус ҳафт дақиқа монда буд. Боз пахтакорчиён як тӯб даровард, хотирҷамъона ба танаффус бароманд. Дар қисми дуюми вохӯрӣ ҳарчанд эстониён тактикаи бозии худро тағйир дода бошанд ҳам, комёб нагардиданд. Аз хатои дарвозабони онҳо С.Ҷаъфаров моҳирона истифода бурда, тӯби сеюмро ба дарвозаи ҳариф даровард ва пахтакорчиён ба нимфинал роҳхат гирифтанд. Рақиби онҳо дар ин марҳала ҳам намояндаи соҳили Балтика—тими «Сконто»-и Латвия мегардад, ки ҳарифи ноқулай ба ҳисоб меравад. Дар нимфинали дигар «Локомотив» (Маскав) ва «Шериф» (Молдова) бо ҳам вомехӯранд. Азбаски ин вохӯриҳо дирӯз бевақт тамом шуд, натиҷаи онро маълум карда наметавонем.

Хуллас, «Пахтакор» дар байни тимҳои Осиёи Миёна ва Қазоқистон аз ҳама пурқуввату пурмаҳорат будани худро намоиш медиҳад. Чунки мусобиқаро тимҳои минтақаи мазкур «Иртиш» (Қазоқистон), СКА ПВО (Қирғизистон), «Регар-ТадАЗ» (Тоҷикистон), «Шағадам » (Туркманистон) тарк намуданд.

Мо ба тими «Пахтакор» дар ин мусобиқа ва дар вохӯриҳои ҳалкунандаи ҷоми қаҳрамонҳои Осиё комёбиҳои калонро таманно мекунем.

(Паёмнигори мо).

Дар арзҳои дӯстӣ

Кишвари орзуҳои покиза

(26-уми январ—54-умин солгарди Рӯзи Ҷумҳурияти Ҳиндустон)

Ҳама сола 26 январ дар Ҳиндустон—дар ин кишвари дорои тамаддуни бостонӣ, ҷашнҳои ҳуҷаста, расму оинҳои аҷибу ғароиб Рӯзи ҷумҳурӣ васеъ қайд карда мешавад. Конституцияи ҷумҳурӣ аслан 26 ноябри соли 1949 аз тарафи Ассамблеяи конституционӣ қабул шудааст, вале он аз 26 январи соли 1950 эътибор пайдо кардааст. Ҳамин тариқ, Ҳиндустон аз ҳукмронии дусадсолаи аҷнабиён раҳо ёфта, ба Ҷумҳурияти Мустақил табдил ёфт.

Барандаи Ҷоизаи Нобел, адиби барҷастаи ҳинд Робиндранат Такур дар бораи кишвари худ чунин нигошта буд: «Ҳиндустон дар тӯли солҳои зиёд барои эҷоди ягонагии иҷтимоии мардумони мухталиф баробари нигоҳ доштани озодиҳои онҳо таҷрибаро аз сар гузаронид. Ин таҷриба бо назардошти вазъи замон гоҳ нарм, гоҳ сахту сангин буд. Ва ниҳоят Федератсияи Иҷтимоии Иёлоти (Штатҳои) Муттаҳида ба вуҷуд омад».

Ҳиндустон аз рӯи масоҳат дар ҷаҳон мақоми ҳафтумро ишғол мекунад. Масоҳати он 3,28 миллион километри мураббаъро ташкил медиҳад, нуфусаш ба 1 миллиарду 27 миллион нафар расидааст. Ин мамлакат аз 28 иёлоту (штат), 7 воҳиди маъмурии иттифоқӣ иборат аст. Ҳиндустон аз самти шимолу шарқ бо Афғонистон, Покистон, аз самти шимол бо Ҷумҳурияти халқии Чин, Бутан, Непал, дар шарқ бо Мянмар, дар шарқу ғарб бо Бангладеш ҳамсарҳад мебошад.

Аҳолии Ҳиндустон хеле зич (дар як километри мураббаъ 324 нафар) ҷой гирифтааст. Аммо Банголаи Ғарбӣ яке аз иёлатҳои аҳолиаш хеле зиёди Ҳиндустон ба ҳисоб меравад.

Ҳиндустон анъанаҳои неки демократӣ дорад. Чунин муассисоти иҷтимоии демократӣ, мисли сабҳа ва самити, ки мақомоти интихобӣ ва намояндагӣ ба шумор мераванд, дар ҷамъияти ҳиндуён аз қадимулайём нақши бузург доштааст. Яке аз «меъморони» Конституцияи Ҳиндустон доктор Б.Р.Амбедкар гуфта буд, ки «мо бояд демократияи сиёсиро ба демократияи иҷтимоӣ табдил диҳем. Чунки демократияи сиёсӣ агар ба демократияи иҷтимоӣ мубаддал нагардад, он умри дароз нахоҳад дид. Аз ин рӯ, дар Конституцияи 26-уми январ эътибор пайдо карда ҳам баробари ҳуқуқу озодиҳои инсонҳо вазифаи онҳо низ инъикоси худро ёфтаанд.

Ҳиндустон дорои илму фанни мутараккӣ аст. Яке аз олимони намоёни ҳинд чунин гуфта буд: «Агар касе дучори вазъи бӯҳроннок (депрессия) шавад, он бояд дар бораи илму дониш фикр кунад, то депрессияро паси сар намояд». Имрӯз кишвари Ҳиндустон дар соҳаи гуногуни илм ба дастовардҳои беназир ноил шудааст. Масалан, ба туфайли ҷасорати илмии олимони барҷаста Хоми Бхабха ва Викрама Сарабхайи Ҳиндустон дар бобати истифодаи атом ба мақсадҳои осоишта қадамҳои бузург ба пеш гузоштааст. Ин кишвар дар бобати аз бар намудани кайҳон, технологияи радиҳои маснӯъи замин ва истифода аз онҳо комёбиҳои калонро ба даст овардааст.

Дар ин замон Ҳиндустон дар соҳаҳои информатика, хусусан таъмини барномаҳои компутерӣ муваффақиятҳо пайдо кардааст. Дар натиҷаи сиёсати саноатию тиҷоратие, ки ҳукумати Ҳиндустон аз соли 1991 дар амал татбиқ менамояд, кишвараш дар арсаҳои электроника ва информатикаи ҷаҳонӣ нақши худро дорад ва имрӯз саноати таъмини барномавии мамлакат баробари 15 миллиард доллари ИМА арзёбӣ шудааст. Маҳсулоти технологияи информатикӣ, электронии Ҳиндустон дар бозори ҷаҳонӣ шӯҳрат пайдо карда, истеҳсоли он тайи солҳои охир 45 фоиз афзудааст. Зиёда аз ин содироти(экспорти) маҳсулоти электронӣ дар байни солҳои 1999-2000 ба 6 миллиард доллари ИМА расидааст.

Саноати кино низ дар Ҳиндустон хеле пеш рафтааст. Ҳиндустон дар як сол беш аз 700 филм таҳия менамояд. Мундарича ва мӯҳтавои филмҳои ҳиндӣ имрӯз хеле дигар шуда, аз қолаби якрангӣ баромадаанд ва тамоми ҷиҳатҳои зиндагии инсониро фаро мегиранд. Аз ин рӯ, ин филмҳоро на танҳо дар кишварҳои Шарқ, балки дар оламе Ғарб ҳам тамошо мекунанд.

★★★

Чанд сухан дар бораи муносибатҳои байни Ҳиндустон ва Ӯзбекистон. Бо хушнудӣ бояд зикр намуд, ки ташаббусҳои Ҳиндустон ва Ӯзбекистон дар бобати озод намудани иқтисод ва ҳамкории тиҷоратӣ, равобити фарҳангӣ натиҷаҳои неки худро додааст. Ин ҳамкориҳои неки байни кишварҳо дар саросари дунё маълум аст. Чунки ин робитаҳои дӯстӣ ва ҳамкориҳо дар асоси эътимод, бо роҳи мутаммадин рӯи кор омада, аз имтиҳони замон бомуваффақият гузаштаанд. Ҳар ду кишвар перомуни аксари масъалаҳои сиёсӣ, хусусан дар мавриди суботу амният дар минтақа мавқеи ба ҳам наздикро доранд. Муштаракоти таърихию фарҳангӣ сарчашмаи ин ҳамкориҳо аст.

Суханони зерини Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Ислом Каримов дар бораи Ҳиндустон барои ҳар яки мо ошност. Ӯ дар иҷлосияи даҳуми парлумони Ӯзбекистон чунин гуфта буд: «Муносиботи байни Ӯзбекистон ва Ҳиндустон хеле хуб инкишоф меёбанд. Мо ба анъанаҳо ва қаробати фарҳангӣ, тиннат ва тарзи рӯзгори халқҳоямон назари эҳтиромона дорем. Мо яқин медонем, ки Ҳиндустон сиёсати сулҳхоҳонаро пеш мебарад: вай давлати бузургест, ки иқтидору имконоти азим, ояндаи хубе дорад, ки мавриди ҳаваси бисёриҳо хоҳад гашт».

Дар навбати худ Ҳукумати Ҳиндустон муборизаи қотеъонаи Ӯзбекистонро бар зидди ифротгарӣ ва терроризм хуб арзёбӣ мекунад. Сафари Президенти Ӯзбекистон Ислом Каримов ба Ҳиндустон соли 2000 ба марҳалаи нави таърихи муносибатҳои ду кишвар асос гузошт. Дар ҷараёни ин сафар 10 то қарордоди тарафайн ба имзо расид, ки аз натиҷаи хуби ин сафар ва ояндаи неки равобити ду кишвар далолат медиҳад.

Ҳоло дар Ӯзбекистон бо иштироки сармоягузорони ҳинд беш аз 70 корхона (24 то корхона сад дар сад бо сармояи Ҳиндустон) амал мекунанд. Хусусан, лоиҳаҳое, ки аз тарафи чунин ширкатҳои ҳинд, мисли Consultinq India ltd, Fasion Factory international Ltd, Doctor Reddis Laboratories ва ғайра дар соҳаи дорусозӣ, телекоммуникатсия, хизматгузории меҳмонхона натиҷаҳои дилхоҳ додааст. Ба туфайли дастгирии фаъоли Вазорати умури хориҷаи Ӯзбекистон ва Кумитаи давлатӣ оид ба идоракунии амволи давлатӣ ва ҷонибдории тадбиргарии ҷумҳурӣ сармоягузорони ҳинд барои ҳамкорӣ бо Ӯзбекистон рағбат пайдо кардаанд. Робитаҳои тиҷоратии миёни ду кишвар низ пеш рафтааст. Ҳаҷми тиҷорат ва сармоя солҳои охир 16 баробар афзудааст. Ба наздикӣ дар Тошканд боз як меҳмонхонаи Ҳиндустон қомат рост мекунад.

Ҳамкориҳои мо дар соҳаи маориф ва илм ҳам пурсамар гаштааст. Ин робитаҳо хусусан дар чорчӯби Барномаи ҳамкории техникӣ ва иқтисодӣ хеле нишотбахш аст. Радиои байналмилалии Тошканд ҳар рӯз дар ҳудуди як соат барномаҳои худро ба забони ҳиндӣ пахш мекунад. Яке аз мактабҳои Тошканд номи Лаъл Баҳодур Шастриро дорад. Маркази фарҳанги Ҳиндустон дар Тошканд як даричаест барои ӯзбекистониён ба кишвари ҳинд. Тарафи Ҳиндустон як филми мустанади яксоатаро дар бораи Ӯзбекистон таҳия намуд. Дар соли ҷории 2003 фестивали филмҳои Ҳиндустон дар Ӯзбекистон хоҳад гузашт. Бо кӯшиши Вазорати умури хориҷаи Ҳиндустон як китобе рочеъ ба Ӯзбекистон зери унвони «Ҳиндустон ва Осиёи Миёна то замони Ислом» ба нашр расид. Телевизиони Ӯзбекистон силсилафилмҳои «Маҳобҳорат» ва «Рамаяна»-ро намоиш дод. Барномаи «Дурдаршан»-и Телевизиони Ӯзбекистон ҳар ҳафта боре меҳмони хонаводаи мухлисони сершумори фарҳанги ҳиндӣ мешавад. Дар варзишгоҳи Талкатораи Деҳлӣ мусобиқоти қитъаи Осиё аз рӯи кураш баргузор гардид. Ин ҳама аз рушди ҳамкориҳои байни давлатҳо, робитаҳои саримонаи дӯстии мардумони мо шаҳодат медиҳанд.

Оре, дар дунё кишварҳо зиёд ҳастанд. Аммо алоқаҳои байни кишварҳои Ҳиндустон ва Ӯзбекистон заминаҳои амиқи таърихию фарҳангӣ доранд ва ин дӯстии мо ҳеҷ гоҳ халалдор нахоҳад шуд.

Алок ШЕКҲАР,
Шоҳаҳҳор САЛИМОВ,
кормандони «Радиои байналмилалии Тошканд».

Дар суратҳо: 1. Маҷмӯи донишгоҳи Пуна. **2.** Лаҳзае аз филми «Сангам».

Олмон ташкилоти ифроткори динии «Ҳизб ут-Таҳрир»-ро ғайриқонунӣ ҳисобид

Аз рӯи хабарҳои оҷонсиҳои иттилоотии ҷаҳон, ҳукуматдорони Олмон фаъолияти боз як ташкилоти ифроткори исломии «Ҳизб ут-Таҳрир»-ро манъ карданд. Ва он ба ҳисоб сеюмин ташкилоти диние мебошад, ки фаъолияти онҳо баъди воқеаҳои 11 сентябри соли 2001 дар Олмон боздошта шудааст.

Вазири умури дохилаи Олмон Отто Шидлӣ изҳор намуд, ки фаъолияти «Ҳизб ут-Таҳрир» манъ гардидааст. Чунки он корҳои таблиғотии оммавии ҷудоиандозиро ба рӯи об мебарорад. Аз он ҷумла, радиостансияи «Мавҷи Олмон» суханони О.Шидлиро айнан меоварад, ки гуфтаast:«Ташкилоти мазкур бар муқобили ҳамдигарфаҳмӣ байни халқҳо мебошад ва азбаски мо ба туфайли амалӣ гардондани силсилаи тадбирҳои муборизаи ба муқобили терроризм имкониятҳои нави ҳуқуқиро дорем, бояд бо қатъият онҳоро истифода барем». Вазири олмонӣ зикр намудааст, ки минбаъда бар муқобили ҳамин қабил ташкилоти ғайриконституционӣ «беамон ва бо қатъият» муборизаи бурда мешавад.

Аз рӯи маълумотҳои ВУД ҶФО, «Ҳизб ут-Таҳрир» дар хориҷ ҷойгир шудааасту истифода бурдани зӯровариро нисбати ба даст овардани мақсадҳои сиёсӣ маъқул медонад. Кормандони мақомоти ҳифзи қонуну тартиботи Олмон фаъолони «Ҳизб ут-Таҳрир»-ро истинтоқ карда, бисёр адабиётҳои тарғиботии онҳоро мусодира намуд. Умури умумиҷаҳонии «Би-Би-Си» зикр менамояд, ки «Ҳизб ут-Таҳрир», ки баргаштан ба усули миёнаасриро ҳукмронӣ ва муттаҳид сохтани тамоми мусалмононро дар давлати ягонаи халифат тарғиб мекунад, диққату эътибори коркунони умурҳои махсуси олмониро баъди воқеаҳои 11 сентябри соли 2001 Амрико ба худ ҷалб сохт.

Ба суханони сарварони «Ҳизб ут-Таҳрир» дар ин бобат, ки ғоя ва усулиятҳои ташкилоти мазкур ҷиҳати ғайризӯровариро ташкил медиҳад, нигоҳ накарда, фаъолияти амалии он дар бораи муносибатҳои ғоратгарона ва ғаразбинона нисбати тамоми ғайримусалмонон гувоҳӣ медиҳаду саъю кӯшиши мафкуравии худро бо «чанги муқаддас» бар муқобили кофирон, ҳеҷ гап набудани фавти одамонро дар ин набард сафед мекунад. Фаъолияти «Ҳизб ут-Таҳрир» ғайридемократӣ буда пурра арзишҳои тамаддуни кунунӣ ва фарҳанги ҷаҳониро рад мекунад.

Дар суханронии сарварони ғоявии он даъватҳои кушод оид ба зӯрӣ вожгун сохтани сохти конституционӣ бо василаи ҷиҳод, забона занондани оташи байнидавлатҳо, байни миллатҳо ва байни динҳо ба гӯш мерасанд. Нуктаҳои барномаи «Ҳизб ут-Таҳрир» аз рӯи моҳияти таҳкурсии мафкуравӣ барои терроризми байналхалқӣ мебошад.

Ҳоли ҳозир фаъолияти ташкилоти «Ҳизб ут-Таҳрир» амалан дар ҳамаи мамлакатҳои араб ва исломӣ ба он муносибат манъ гардидааст, ки онҳо барои ба даст овардани мақсадҳои ғаразноки худ бештар дини муқаддаси исломро истифода мебаранд. Аз он ҷумла, алҳол дар Миср ҷараёни истинтоқ аз болои 26 узви ташкилоти мазкури фаъолияташ манъгардида давом дорад.

Ғайриқонунӣ донистани «Ҳизб ут-Таҳрир» дар Олмон нишон медиҳад, ки дар доираи ҷамъиятиву сиёсии мамолики Аврупо хавфи ҷиддӣ доштани ташкилоти мазкурро барои аз маҷрои худ баровардани ҳаёт хуб дарк мекунанд.

ОИ «Ҷаҳон».

Пешқадамии истеҳсолот

Эҳёи анъанаҳои қадима

Фабрикаи шоҳибофии Косонсой. Шӯҳрати ин корхонаи як замон машҳур аз нав эҳё меёбад. Аз аввали соли нав дар корхона истеҳсоли газвори машҳури халқамон—атласу шоҳии серҷило ба роҳ монда шуд.

Ҷомеаи меҳнатии Ҷамъияти саҳҳомии «Косонсой-Текстил» (корхона алҳол чунин ном дорад) соли 2002-ро бо натиҷаҳои назаррас ҷамъбаст намудааанд. Дар давоми соли сипаришуда беш аз 300 миллион сӯмина маҳсулоти мавриди истеъмоли мардум, яъне дастмолҳои (сачоқҳо) махмалини гуногунандозаву дастарханҳо, курткаҳои бачагонаву газвори ҳоми саноатӣ истеҳсол гардидааст.

Дар тӯли якчанд соли охир корхонаи номбурда солро бо 10 миллион сӯм фоидаи соф ҷамъбаст менамояд. Ин имконияти васеъгардонии истеҳсолот ва бехтаргардонии шароити моддии коргарон аст.

Ҳаҷми миёнаи музди меҳнатии 220 нафар коргарон моҳе 17565 сӯмро ташкил мекунад.

—Соли рафта дар корхонаамон соҳаи нав—сехи либосдӯзиро низ ташкил намудем. Дар натиҷа 30 нафар ҷавонон бо кор таъмин гаштанд. Мувофиқи фармоиши Вазорати таълими халқии ҷумҳурӣ ба арзиши 60 миллион сӯм курткаҳои бачагона дӯхта, фиристодем. Дар бобати эҳёи шӯҳрати пешинаи корхонаамон истеҳсоли атласу газворҳои шоҳии пурнақшунигорро низ ба роҳ мондем. Имрӯзҳо дар сехи атласбарорӣ ойди истеҳсоли чор намуди ин газвори дӯстдоштаи занону духтарон корҳои охирини васлгардониро анҷом медиҳанд.

Дар арафаи иди бузурги халқамон—Наврӯз миқдори зиёди газворҳои шоҳию атласро ба фурӯш мебарорем. Дар натиҷа дар сехи атласбофӣ ба тариқи илова боз 50-60 нафар бо кор таъмин мегарданд,—гуфт зимни сӯҳбат бо мо раиси ҷамъияти саҳҳомии «Косонсой-Текстиль» Баходур Тошматов.

Ҷамъияти иҳҳомӣ барои соли ҷорӣ ойди истеҳсоли маҳсулоти гуногун аз мизоҷон ба арзиши 383 миллион сӯм фармоиш гирифтааст.

А.НУРИДДИНОВ,
мухбири худамон.

Пурсишу посух

Метрои Тошканд дар садаи XXI

Ба қарибӣ метрои Тошканд 25-солагии созмон ёфтани худро таҷлил намуд. Дар ин бора дар рӯзномаҳо он қадар маводи муфассал чоп нашуд. Магар он бо он вобаста нест, ки баъзе одамон метроро обекти таъиноти мудофиавӣ меғӯянд. Агар ин тавр набошад, мехостам дар хусуси метрои Тошканд, дирӯзу имрӯз ва фардои он маълумот пайдо кунам.

Бо камоли эҳтиром Аброр Худойбергенов, деҳаи Бахмали ҳочагии ширкатии «Кӯкорол»-и ноҳияи Бӯка.

Аз идора: Бояд тазаккур дод, ки дар қаламрави собиқ Иттиҳод кам андар кам ҷамоҳир соҳиби метро буданд. Сараввал метро дар Маскав, Санк-Петербург пайдо шуд. Баъд сокинони Киев, Тифлис, Боку аз хизмати метро баҳравар гардиданд. Ба мурочиати сершумори роҳбарияти пештараи Ӯзбекистон нигоҳ накарда, танҳо аввали солҳои 60-ум рухсат дода шуд, ки тарҳи метрои Тошканд баробари роҳи зеризаминии шаҳри Харков кашида шавад. Ва ин кор соли 1962 оғоз ёфта, вале бо сабабҳои мухталиф, аз он ҷумла сиёсӣ кашидани лоиҳаи он тӯл кашид. Охири солҳои 60-ум лоиҳаи метрои Тошканд аз тарафи кормандони Пажӯҳишгоҳи илмиву тадқиқотии «Метрогипртранс» кашида шуда, мувофиқи он дарозии хатти метрои Тошканд 47 километр тӯл кашида, ба се самти шаҳр роҳ пеш мегирифт.

Маскав расман ба соҳтмони метрои Тошканд танҳо соли 1971 рӯхсат доду баробари ҳаллу фасли муаммоҳои зиёд расман аввалин поезд соли 1977 ба ҳаракат даромад. Баъд соҳтмони хатти ӯзбекистонии он соли 1984 оғоз ёфта, соли 1991 анҷоми худро ёфт. Дар солҳои истиқлолият бошад, дар фурсати кӯтоҳ мувофиқи лоиҳаи кормандони Пажӯҳишгоҳи «Ташметролоиҳа» хатти юнусободии метро соҳта шуд. Алқисса, хатти метрои Тошканд се самтро алҳол дар бар гирифтааст. Хатти челонзорӣ мавзеи Челонзорро бо маркази шаҳр, яъне майдони собиқ ба номи Горкий, ҳоло Буюк ипак йӯли пайвастааст. Хатти ӯзбекистонӣ мусофиронро аз шаҳрчаи донишҷӯён то шаҳрчаи тайёрасозон пайваст гардондааст. Хатти юнусободӣ, ки алҳол аз шаш истгоҳ иборат аст, мусофиронро то истгоҳи «Ҳабиб Абдуллоев»-и ноҳияи Юнусобод мебарад.

Метро нақлиёти аз ҳама қулаю аз ҳама тезгард мебошад. Қулаияш баробари тез ба манзил расондан боз дар он аст, ки ҳавояш тоза, иқлимаш мусоид аст. Ҳатто дар тобистони гарм, зимистони қаҳратун ҳам дар метро як хел ҳарорат ҳукмрон асту иншооти ҳақиқатан стратегӣ ба ҳисоб рафта, дар бораи майда-чуйдаи он ҳарф задан нашояд.

Вале ҳаминаш аён аст, ки ҳар як истгоҳи метрои Тошканд намунаи беҳтарини меъмории миллӣ буда, бо услубу усули меъмории замонавӣ созгорӣ пайдо кардааст. Аз ин рӯ ҳар як истгоҳро бе ягон муҳобот қасри мӯҳташами зеризаминӣ ном бурдан мумкин аст. Бояд тазаккур дод, ки алҳол соҳтмони метро дар самти юнусободӣ давом дорад. Бунёдкорон бо соҳтмони истгоҳҳои «Файзулло Хӯҷаев», «Юнусобод», «Туркистон» шуғл меварзанд. Дар айни замон лоиҳаи хатти навбатии метро кашида мешавад ва аз маълумоти Пажӯҳишгоҳи «Метролоиҳа»-и шаҳри Тошканд бармеояд, ки алҳол фаъолият дар бобати дароз кардани хатти роҳи метро давом дорад. Корҳои лоиҳакашӣ оид ба назди Ҷамъияти саҳҳоми «Заводи тракторӣ Тошканд» овардани хатти челонзорӣ ва ҳамроҳ кардани он ба самти сирғалии он давом доранд. Аз мавзеи Сирғалӣ то ипподром бурдани хатти метро ҳам ба нақша гирифта шудааст.

Алҳол соҳтмони хатти ӯзбекистонии метро ҳам давом дорад. Аз шаҳрчаи донишҷӯён то ба мавзеи Қорақамишу Қӯйлуқ расондани хатти мазкурро пешбинӣ кардааанд.

Баъди ба анҷом расидани соҳтмони хатти метро то ноҳияи Юнусобод корҳо дар бобати то ба вокзали ҷанубӣ расондани он оғоз меёбанд. Ва баробари ба рӯи об баровардани ин корҳо имконият фароҳам меояд, ки хатти метро ба роҳи ҳалқагии Тошканд васл гардад.

Нақшаи метрососон дар садаи XXI ҳамин аст ва бояд тазаккур дод, ки соҳтмони он ба осонӣ сурат намегирад. Чоҳ кандан, релс шиндондан, туннелҳоро бетонфарш кардан, бо сангу асфалт фаро гирондани он, гузоштани асбобу ускунаҳои хеле мураккаб ва ғайраро ба ичро расондан лозим меояд. Баробари ин наздик будани обҳои зеризаминӣ тақозо дорад, ки ҳини соҳтмони метрои Тошканд се шакли соҳтмон истифода гардад. Яъне ҳам туннел мекобанд, аз роҳи кушод мегузаронанд ва ҳам аз эстакада (роҳи овезон) истифода мебаранд, ки як қатор муаммоҳоро ба миён меоварад ва соҳтмон қимат меафтад.

Вале метро қусури хароҷоти худро ба тезӣ мебарорад. Ҳисобу китобҳо нишон медиҳанд, ки алҳол аз метрои Тошканд ҳар рӯз 270-380 ҳазор нафар мусофир истифода мебарад. Танҳо соли гузашта аз хизмати ин нақлиёти қулай беш аз 143 миллион нафар мусофир истифода бурдааст, ки он қариби 18 фоизи тамоми ҳаҷми кори нақлиёти мусофиркашонии шаҳри Тошкандро ташкил медиҳад. Аз ин рӯ, қусури хароҷоти метро то тезӣ бароварда мешавад.

Алқисса, метрои Тошканд дар садаи XXI рушд ёфта, ҳам миқдоран ва ҳам сифатан инкишофи худро пайдо карда, ба намуди асосии нақлиётии мусофиркашони шаҳрӣ мубаддал мегардад...

Дар хизмати роҳи мустақилонаи мамлакат

Ба қарибӣ аҳли ҷамъияти Ӯзбекистон Рӯзи барқӯросилкунандагон ва 40 - солагии созмон ёфтани трести «Средазэлектросетстрой» (алҳол Ҷамъияти саҳҳомии тарзи кушоди «Электротармоккурилиш» - ро мутантан қайд намуд.

Дар бораи фаъолияти ин соҳтори муҳими барқии мамлакатамон сардиректори Ҷамъияти саҳҳомии тарзи кушоди «Электртармоккурулиш» Р. С. Ҳусанов чунин нақл намуд:

— Дар солҳои фаъолияти худ ташкилоти мо бисёр обектҳои таъиноти барқиро соҳт, ки алҳол мустақилияти энергияи барқи Ӯзбекистонро таъмин месозанд.

То соли 1963 соҳтмони шабакаҳои барқиро раёсати монтажии трести «Ӯзбекгидроэргострой» ва дигар ташкилотҳо ба ҷо меоварданд. Соли 1962 мувофиқи амри махсус дар Тошканд «Средазэлектросетстрой» созмон ёфт ва он даъват гардид, ки ҳатҳои нақли барқ ва истгоҳҳои иловагиро дар Ӯзбекистон, Тоҷикистон, Туркманистон, Қирғизистон ва Қазоқистон созанду ба истифода супорад. Ба ҳамин мақсад трести махсус оид ба соҳтмони хатҳои нақли барқ ва истгоҳҳои иловагӣ созмон ёфт, ки имрӯзҳо мо меросхӯри ин ташкилот буда, фаъолият пеш мебарем.

Трести мазкур соҳиби панҷ маҷмӯи механиконидашуда дар шаҳрҳои Фарғона, Самарқанд, Душанбе, Чимкент, Тошкент ва дигар ташкилотҳои ёрирасонро оид ба тайёркунии контруксияҳои маъданӣ ва тармими техникаи бинокорӣ буд. Дар бадали солҳои 1963 - 1975 аҳли трест дар шаҳрҳои қалонтарини саноатӣ ва марказҳои вилоятҳои Ӯзбекистон хатҳои нақли барқи иқтидораш 35 киловатт, иқтидорҳои трансформатории иқтидораш 160 ҳазор киловаттро соҳт, ки дарозии онҳо 600 километрро ташкил дод. Баъдтар трест ба ҳисоби миёна ҳар сол 100 километр хатти нақли барқиро ба истифода супурдан гирифт. Умуман барои ба вуҷуд овардани низоми муттаҳидаи энергияи барқии Осиёи Миёна ва Қазоқистони ҷанубӣ мусоидат намуд. Корхонаҳои қалонтарини обиву алаво ба истифода супурда шуданд, ки ба ҷумлаи онҳо нурхонаҳои алавии Сирдарё ва Ангренро шомил гардондан мумкин аст, ки алҳол дар худуди Ӯзбекистон ба истеҳсоли энергияи барқ машғуланд.

Умуман дар бадали 40 соли фаъолияти худ ташкилоти мо 29210 километр хатти нақли энергияи барқ ва истгоҳҳои иловагии иқтидори умумиашон 19835 мегаваттро соҳта, ба истифода супурд. Ва онро мо пеш аз ҳама самараи меҳнати фидокоронаи коркунонамон, меҳнати зардоронаи бунёдкорони объектҳо, аз қабили Л. Пожаров, С. Калонов, Б, Амбарсумян, И. Буденко,В. Приходко, Д. Иброҳимов, Ф. Зедсер, Ш, Бурнашев, В. Виноградов, М. Магомедов, В. Каселман ва дигарон меҳисобем.

Баъди ба даст омадани истиқлолияти давлатии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон дар азхудкунии конҳои конденсати Кӯқдумалоқ, Мингбулоқ, заводи азнавкоркарди гази Муборак ҷамоаи мо фаъолона иштирок намуд. Махсусан ба соҳтмони шабакаҳои энергияи барқӣ объектҳои ба хоҷагии халқи ҷумҳуриятамон ниҳоят заруриӣ — ГРЭС - и Тахиатош, заводи содаи Кӯнғирот, қад - қади роҳҳои автомобилгарди Тошкент — Ӯш, хатҳои нави роҳи оҳани «Навоӣ — Ҷӯқудуқ — Султонуздоғ — Нукус» ва «Ғузор — Бойсун — Қумқӯрғон», мунназам таъмин кардани объектҳои қад - қади сарҳади давлатӣ, қароргоҳи беруназшаҳрии «Карнайсой» аз нурхонаи Ҳочакент, хатти тролейбуси Урганҷ — Хива, бо барқ фаро гиронии роҳи оҳани Тошкент — нурхонаи Сирдарё, Зарбдор — Ҷиззах, Ғузор диққату эътибор пурзӯр гардид.

Дар бобати сари вақт ва хушсифат ба ичро расондани ин қабил корҳо ба мо ҳамкорон аз пажӯҳишгоҳҳои «Средазэнергостпроект», «Средазселэнергопроект», трести «Ӯзбекгидроэнергострой», заводҳои оҳану бетонии рақамҳои 1 ва 2, фармоишгаронамон аз саросари ҷумҳурият аз наздик кӯмак расонданд ва имсол ба истифода супурдани як қатор объектҳои муҳимро ба нақша гирифтаем.

Нинел БУШНЯК,
Сергей САВЧУК—ҚУРБОНОВ.

Бонги изтироб

Чӣ гуна натиҷаро мунтазир шудан мумкин аст?

Техника дар бобати пеш бурдани кишоварзӣ воситаи аз ҳама қулаю аз ҳама арзон ба ҳисоб меравад. Дар кӯҷо техника ба пару боли деҳқон мубаддал гардад, дар он ҷо албатта, пешравӣ ба даст меояд. Вале на дар ҳама ҷо муносибат ба техника як хел асту бепарвоӣ нисбати он ба чашм бармехӯрад. Ва инро дар мисоли хоҷагиҳои ширкатии «Нуробод» ва «Оқбӯйра»-и ноҳияи Олтиариқ низ дидан мумкин аст. Дар хоҷагиҳои мазкур ба мавсим омода соҳтани техника бо як маром давом намекунад.

Устохонаи марказии ҳар ду хоҷагӣ ба тармим мӯҳтоҷанд. Дар ин ҷо техника дар зери барфу борон монда, ба ҳоли худ партофта шудааанд. Ба сардии ҳаво нигоҳ накарда, челонгарону механизаторон дар ҳавои кушод корҳои тармимиро ба ичро мерасонанд. Ба онҳо ҳатто либоси махсус дода нашудааст. Барои хӯрок хӯрдану истироҳат намудан ягон шароит фароҳам оварда нашудааст.

Алқисса, дар хоҷагиҳои мазкур чунин беэътиборӣ давом кардан гирад, корҳои кишоварзӣ дар мавсими нав чӣ гуна натиҷа бахшиданашро мунтазир шудан мумкин аст?

Дар сурат: лаҳзае аз фаъолияти устохонаи марказии яке аз хоҷагиҳо.

Матн ва сурати Шӯҳрат ОЛИМОВ. (ӮзА).

Омӯзгори фидоӣ

Омӯзгори варзида Рӯзимуҳаммад Султонов ҳар пагоҳӣ барвақт аз хоб хеста баъд аз нонушта ба сӯи таълимгоҳ мешитобад. Ӯ ҳаёти хешро бе мактаб, бе шогирдон тасаввур карда наметавонад. Рӯзимуҳаммад Султонов воқеан ҳам омӯзгори асил аст. Ӯ дар оилаи омӯзгор дида ба дунё кушодааст. Бачагии ӯ ба солҳои Ҷанги дуюми ҷаҳон рост омадааст. Падари бузургвораш Султон Назарзода яке аз аввалин устодони мактаби деҳаи Дарбанд буданд. Султон Назарзода баъд аз инқилоби шӯроҳо курси омӯзгориро дар шаҳри Душанбе хатм намуда, ба деҳаи хеш меояд. Аввал омӯзгор ва пасон роҳбарии таълимгоҳро ба ӯҳда мегирад. Солҳои ҷанги Олмон яке аз аввалинҳо шуда, ба майдони ҳарбузарб меравад. Дар шаҳри Сталинград сахт маҷрӯҳ гашта ба деҳа бармегардад. Баъди ба охир расидани ҷанг сахт бемор шуда, вафот мекунад. Акнун Рӯзимуҳаммад бо бародараш Шодимаҳмад бепарастор мемонанд. Он солҳои баъди ҷанг зиндагии деҳотиён хеле мушкил буд. Модарашон—момои Сафаргул ба мактаб фаррош шуда ба кор медароянд. Бо вуҷуди он душвориҳо бачаҳо дар мактаб аъло мехонданд. Ҳар як гуфтаҳои устодонро бе каму кост иҷро мекарданд. Рӯзимуҳаммад акнун ба синфи даҳум гузашта буд. Дар деҳа овоза шуд, ки ба мактабашон муаллими нав омадааст. Чунон сахтгир, чунон донишманд, ки ҳоло мактаб мислашро надида. Соли нави хониш оғоз ёфт. Воқеан он муаллими сахтгиру донишманд ба синфи Рӯзимуҳаммадино дарс медодааст. Ӯ чунон дарс мегузашт, ки гӯё синф саҳна буду ӯ актёр. Ҳама шогирдон мафтуни дарсҳои ӯ буданд. Ин омӯзгор шогирдонро сеҳр карда буд. Ҳама гӯшу ҳуш шуда дарсҳои ӯ, сабақҳои ин устоди закиро мешуниданд, панд мегирифтанд. Рӯзимуҳаммад мисли ӯ муаллим шудан мехост. Баъдтар фаҳмад, ки устодашон Панҷӣ Тӯйчиев дар донишгоҳ дарс мегуфтаасту бо сабаби душвориҳои рӯзгор кори илмиашро як сӯ монда, ба деҳа омадааст. Дили Рӯзимуҳаммад ба муаллим месӯхт. Агар ӯ дар донишгоҳ мебуд, манфиати ӯ ба ҷамъияту давлат беш мерасид, андеша мекард вай. Вале худ намедонист, ки тақдири худаш низ баъд аз чанд сол ба устодаш монанд мегардад.

Ҳамин сол Рӯзимуҳаммади ҷавон мактабро хубу аъло хатм намуд. Ба шаҳри Душанбе ба донишгоҳи давлатӣ ба факултаи физика ва математика ҳуҷҷат супорид. Бе ҳеҷ мамоният ба донишгоҳ дохил шуд.

Дар донишгоҳ, хусусан ба ӯ дарсҳои устодон Адҳамов, Осимӣ, Баҳоваддинов хеле писанд буданд, аз онҳо як ҷаҳон лаззат мебурд. Ҳамин сон панҷ соли донишомӯзӣ турнаосо гузшту рафт. Ӯро гуфтанд, ки дар донишгоҳ ба сифати аспирант ба кор шурӯъ кунад. Рӯзимуҳаммад розӣ шуд. Се моҳ кор кард. Рӯзе ба деҳа омад. Момои Сафаргул ба писараш буду шуди гапро гуфт. Бояд соли оянда Шодимаҳмад мактабро хатм намуда, ба ягон донишгоҳ дохил мегашт. Рӯзимуҳаммад ноилоҷ монд. Ба устодонаш чӣ гуфтани худро намедонист. Ҳамин тариқ, ӯ ба шаҳр омада, буду шуди гапро ба устодонаш фаҳмонида, руxсат гирифта ба шаҳри Қӯрғонтеппа рафт. Ӯро ба мактаби рақами 19-и шаҳр муаллими физика таъин карданд. Акнун фаъолияти омӯзгории ӯ оғоз гашта буд. Ӯ бо дили гарм ба кор шурӯъ намуд. Ба дарсҳо бо тайёрии пухта мерафт. Шогирдон низ дарсҳои ӯро хуб аз худ мекарданд. Аз ин муаллими ҷавон Рӯзимуҳаммад меболид. Дар як муддати кӯтоҳ ӯ дар байни ҷамоаи омӯзгорон ба эҳтиром сазовор гашт. Ҳам аҳли омӯзгорон ва ҳам шогирдон ба вай меҳру муҳаббати бепоён доштанд.

Боре директори мактабашон Валосенко Мария Леонтевна ба Рӯзимуҳаммад бо табассум гуфт: —Муаллим, барои шумо як арӯси нозанин овардам, ӯ дар хонаи муаллимон. Бубинед, шояд маъқул шавад.

—Ҳамин тариқ омӯзгори ҷавон Рӯзимуҳаммад Султонов баъди яксоли кор ба он духтараки зебое, ки барояш директори мактабашон муаррифӣ намуда буд, хонадор гашт.

Мо он рӯз бо устод Рӯзимуҳаммад Султонов рӯ ба рӯ сӯҳбат доштем.

—Барои тарбия бояд ҳам омӯзгор ва ҳам падару модар якҷоя машғул шаванд,—мегӯяд омӯзгори ботаҷриба Рӯзимуҳаммад Султонов. Ӯ каме таваққуф мекунад ва боз риштаи суханро ба даст мегирад.—Биёд бароятон мисоле меорам.

—Солҳое, ки дар шаҳри Ростов кор мекардам, падар ё модари шоигрдоне, ки баҳои паст мегирифтанд,—зуд ба мактаб меомаданд, бо омӯзгор ҳамсӯҳбат гашта, сабаби баҳои паст гирифтани фарзандашонро пурсуҷӯ мекарданд. То он даме ки фарзандашон дарсҳоро хуб азхуд намуда аз омӯзгорон баҳои қаноатманд нагиранд, аз мактаб по намекананд. Дар мо бошад, падару модарро сад бор даъват кунӣ ҳам, ӯ пою қадамашро ба мактаб намемонад. Пас аз ин чӣ хел фарзанд тарбия мегирад, хуб мехонад.

Мебахшед, як чизро таъкид карданиам,—суханашро идома дода мегӯяд омӯзгори соҳибтаҷриба Р.Султонов.—Дар мо паё-пай 8-10 фарзандро ба дунё меоранд. Худатон тасаввур кунед, дар ин давр чӣ хел ин қадар фарзандро хӯрондан, пӯшондан ва тарбия кардан мумкин.

Мо ба устод Султонов оиди тест пурсон шудем.

—Ба фикри ман тест фақат аз фанҳои дақиқ бояд гирифта шавад. Талаботи тест аз фанҳои гуманитарӣ дониши шоигрдонро пурра муайян карда наметавонад. Аз ин хотир, аз ин фанҳо аз рӯи тест имтиҳон гирифтан чандон дуруст нест. Воқеан ҳам гуфтаҳои устод Султоновро бисёр омӯзгорон дар ин бобат тасдиқ мекунанд. Тест бояд аз фанҳои дақиқ гирифта шавад. Таъкидҳои ин омӯзгори ҷонсӯзро ба хотир оварда агар ба андеша фурӯ равем ва ба гирду атрофи хеш бо чашми ҳақбин назар афканем, ба дурустии онҳо бовар ҳосил мекунем.

—Шояд, додар, андешаҳои ман дар ин бобат нодуруст бошанд. Хулосаҳои шахсии мананд онҳо.

Воқеан гуфтаҳои устод Султоновро дар маҳаки ақл бар кашем, ба дурустии онҳо бовар ҳосил мекунем. Ӯ садҳо шогирдонро тарбия намудааст, ки ҳоло ба пешрафти иқтисодиёт ва ҷамъияти мустақили мо ҳисса мегузоранд, ҳарчанд то ҳол хизматҳои устод бо ягон нишону тақдирнома қадр нашудаанд. Бо вуҷуди он омӯзгори физикаи мактаби рақами 25 ноҳияи Бойсун Рӯзимуҳаммад Султонов ҳар пагоҳӣ бо табъи болида, бо андешаҳои солим ҷониби таълимгоҳи худ қадам мезанад. Қадамҳои ӯ устуворонаанд, чунки дар синфхонаҳо шогирдоне, ки пойдевориояндаи давлати моро бояд гузоранд, ӯро интизоранд.

Нуралии РАҶАБ,
паёмнигори
«Овози тоҷик» дар
вилояти Сурхондарё.

Қатраҳо дарё шаванд



Нашри китоби дастҷамъии аъзои маҳфили адабии «Худафрӯз» таҳти номи «Ҷилои ахтарони Сӯх» аз вилояти Фарғона дар рӯзгори тоҷикони ҷумҳурият як рӯйдоди фарҳангие буд.

Ин китоби зебо, ки бо коғази навъи баланд 2000 нусха аз тариқи нашриёти «Адабиёт ва санъат»-и ба номи Ғафур Ғулом соли сипарӣ ба дасти нашр расидааст, қаламиҳои сӣ тан қаламфарсоёни сӯхиро дар бар мегирад. Инон: Абдураҳими Беҳбуд, Абдуллоҳи Тоҳириён, Абдуҷаббор Ҷелонов, Авазхон Назарқулов, Аъзами Мавлон Аҳрори Маҳмудзод, Бурҳонҷон Расулов, Дилшӯх, Масъуд Мирзоев, Меҳрварз, Мубориз, Муҳаммади Шодӣ, Неъмати Суннатулло, Нилуфар, Нодир Нодирӣ, Одили Комил, Равшани Мӯъмин, Раҳимбердӣ Тошмуҳаммад, Раҳмонҷон Очилзода, Рашиди Ақраб, Рустами Ҳусейнзода, Садриддини Ҳушёрӣ, Собитҷон Асқаров, Хоҷа Тоҷиев, Ҳакими Мирзокарим, Ҳакимҷон Эргашев, Ҳамробой Илҳом, Ҳомиди Шомат ва Ҷумъаи Ҷамол...

Фотиҳаи неки ҳокими ноҳияи Сӯх Ҳакимҷон Сайфиддинов, ки дар саҳифаи аввали тазкира омадааст, камназир аст. Чунин ҳокимони донишманд ва ҷонибдори фарҳангу аҳли адаб ангуштшуморанд. Мо аз таърих ёд дорем, ки ҳокимоне фозилу хайрхоҳ будаанд ва аз ҳиммати онҳо минтақаҳое дар фароғу осоиш умр ба сар бурдаанд.

Ҳокими раиятпарвар, Шумо амиқ дарк намудаед, ки раиятро дар баробари ғизои моддӣ, ғизои маънавӣ низ чун обу ҳаво зарур аст. Бино бар ривояте, ки дар пешгуфтори китоб оварда шудааст, агар Мирзо Бобур дар сафари ҳинд дусад ҷавони ҳижабри сӯхиро баргузида бошад, пас имрӯз ҳазорон ҷавонони ҳижабри (далер) сӯхӣ дар ҳифзу ҳимояи мову шумо ва Ватани азиз омодаанд.

Аз маҷмӯа дарёфтем, ки бузургворе чун Ҳакимҷон Сӯфиев, худо ёру мададгораш бод, такядори китоб аст. Ҳиммати ин инсони дарёдил қобили интишору дастгирист.

Дар таркиби мардуми мо чунин такядорони (ҳомӣ) халқпарвару меҳанпарвар ва фарҳангдӯст будаанд. Аз ҷумла, бо камоли ифтихор метавон номи мубораки Ашӯрбой Тошматов ва Абдусаттор Ҳасановро ба забон гирифт. Онҳо дар нашри китоби ду шоири шинохтаи мо саҳмгузор будаанд. Худоё, марҳамататро аз онон дареғ мадор.

Дар пешгуфтори китоб, ки аз он нафаси меҳанпарастӣ ба рӯ мезанад ва ба қалами С.Эрназаров мансуб аст, мехонем: «Андаруни кӯҳҳои сар ба фалак кашида як воҳаи кӯчаке мавқеъ дорад. Ин воҳа бо манзараи афсонавораш, бо одамони меҳмоннавозу меҳнатқаринаш, бо сабзавоту меваҳои ангубинвораш қалби ҳар фардро ҷазбу бинандаро моту мабҳут месозад. Наҳри зулолу шаффофе, ки аз васати воҳа ҷорист, ба ҳусни он ҳусн зам кардааст. Ин маъвои биҳиштосои тоҷикнишин Сӯх ном дошта дургаҳи водии зархези Фарғона аст».

Мӯҳтарам, Савворҷон Эрназаров, мо аз мусофирони зиёд чунин сифатҳоро шунидаем. Вале сухани Шумо моро ба ин диёр дилбастатар кард. Аҳли чунин манзилу макон бояд ҳама шоиру мусаввир ва ё оҳангсозу сароянда бошанд. Ва дарвоқеъ ҳамчунин аст. Зеро аз тасвиру сурудаҳои қаламкашони воҳа ин маънӣ дарку эҳсос мешавад. Ва ҳамин пешгуфтори Шумо низ як навъ шеъри бевазну қофия аст.

Рӯзномаи «Овози тоҷик»—нашрияи Олий Маҷлис ва Девони Вазирон, ки минбари ягонаи розгӯии тоҷикони сартосари ҷумҳурият аст, дар тарғибу ташвиқи навиштаҳои ҷавонони ҳижабри сӯхӣ низ ҳамеша саҳмгузор будааст. Имрӯз сухангустарони сӯхӣ Нодир Нодирӣ, Муҳаммад Шодӣ, Неъмати Суннатулло, Равшани Мӯъмин, Раҳимбердӣ Тошмуҳаммад, Баҳриддини Тоҷиддин ва Масъуд Мирзоевҳо тавассути навиштаҳояшон дар дигар минтақаҳои ҷумҳурият низ маҳбубият доранд.

Агар маводи сохтмон чӯбу хишту гил ва оҳану бетон бошад, маводи осори бадеӣ зиндагиву сухани балеғ аст. Таърихан дар минтақаҳои мо Иттиҳоди нависандагон вуҷуд надошт, маҳфилу доираҳои адабӣ амал намудаанд, ки коргартар аз ҳамаи иттиҳодҳо будаанд.

Маҳфилу доираҳои адабӣ Рӯдакӣ, Ибни Сино, Фирдавсӣ, Умари Хайём, Саъдӣ, Ҳофиз, Бедил, Ҷалолиддини Румӣ, Машраб, Соиб, Калим, Сайидо, Камоли Хуҷандӣ, Ҷомиву Навоӣ, Аҳмади Дониш ва билохира Садриддин Айнӣ барин истеъдодҳоро ба дунё арза кардаанд.

Имрӯзҳо дар радифи маҳфили адабии «Худафрӯз» дар Бухорои шариф маҳфили «Офтоби суғдиён» дар вилояти Сурхондарё маҳфилҳои «Чашмаи хуршед»-у «Гули санг» ва дар Самарқанди бостонӣ маҳфили зебои адабии «Суханобод» фаъолият доранд. Маҳсули хомаи аъзои маҳфили «Суханобод» ҳар сол дар шакли китоб ба дасти хонандагон мерасад, ки фоли нек аст. Нависандаи хушсалиқа Бахтиёр Ҷумъаев ва шоир Нормурод Каримзода паи дарёфти истеъдодҳои нав ҷон мекоҳанд.

Дар урфият гӯянд: «Қадами аввал ҳамвор нест». Ба хотири он, ки ҳусни китоб қубҳашро мепӯшонад, мо аз овардани нуқсону камбудиҳо худдорӣ намудем.

Ба замми ин дар банди охири пешгуфтори баёз омадааст: «Табиист, ки ҳамаи шеъру ҳикояҳо, андешаву андӯхтаҳои дар маҷмӯа гирд омада аз лиҳози бадеият, салиқа ва калом дар як поя нестанд. Вале ба андешаи он, ки навқаламон дар кунҷи фаромӯшӣ намонда, дар олами адаб зуҳур кунанд, лаёқати худро сайқал диҳанд, ба маҷмӯа баъзе «хомпазҳо» низ шомил гардиданд».

Худ чунин эътироф ва натиҷагирӣ кифоя аст, ки кас аз нуктагирӣ бипарҳезад. Бояд ёдрас намуд, ки баъзе нависандагон ва шоирони шинохта аз мадди назарҳо дур мондаанд. Ҳарчанд онҳо узви маҳфил нестанд, аммо фарзандони Сӯханд. Умед аст, ки ҳангоми тартиб додани китобҳои навбатӣ онҳо фаромӯш намешаванд.

Абдулло СУБҲОН,
масъули бахши адабиёт
ва ҳунари рӯзнома.

Ҳамосаи «Алпомиш» ба забони олмонӣ

Дар Донишгоҳи Бонн маросими муаррифии ҳамосаи қаҳрамонии халқамон «Алпомиш», ки ба забони олмонӣ тарҷумони машҳур Карл Райхел тарҷума кардааст, ба амал омад. Карл Рейхел чандин сол боз бо омӯзиши эҷодиёти даҳонакии халқамон шуғл меварзад.

Маросими муаррифӣ ба кӯмаки сафоратхонаи мамлакати мо дар ҶФО ва Ҷамъияти олмониву ӯзбекистонӣ созмон ёфт. Дар он намояндагони доираҳои ҷамъиятиву сиёсӣ, илмии Олмон, корпуси дипломатӣ, донишҷӯёни Донишгоҳи Бонн, паёмнигорон, ҳамчунин ҳайати вакилони илмии мамлакати мо иштирок намуданд.

К. Рейхел мутахассис оид ба забону адабиёти инглисии асрҳои миёна ба ҳисоб меравад. Ба ҳамин монанд будани мазмуну мундариҷа ва ғояи ҳамосаҳои халқҳои аврупоӣ майлу шавқи ӯро нисбати ҳамосаҳои халқҳои Шарқ баланд гардонд. Аз он ҷумла, ба ҳамосаи «Алпомиш» рӯ овард.

Китоби профессори олмонӣ ба ғайр аз тарҷумаи ҳамоса, ҳамчунин шарҳ ба он, матни ӯзбекии он ва мақолаи тадқиқотгари номдор Т. Мирзоев ро ҳам дар бар гирифтааст, ки дар маросими муаррифӣ иштирок намуд.

Аввалин манбаи тадқиқотии К. Рейхел дар соҳаи эҷодиёти даҳонакии халқи ӯзбек китоби ӯ «Афсонаҳои халқи ӯзбек» мебошаду бо ҳамин фаъолияти тадқиқотии ӯ дар ин бобат доманадор гардидааст.

Маросимро профессор К. Рейхел ифтитоҳ бахшида, зикр намуд, ки ҳамосаи «Алпомиш» дар худ тамоми сарвати эҷодиёти даҳонакии халқи классикиро дар бар гирифта, дар тӯли бисёр садаҳо диққату эътибори бисёр тадқиқотгарони номдорро ба худ ҷалб сохтааст. Зеро он аз ғояи муҳаббат нисбати Ватан, садоқатмандӣ ба хотираи ниёгон саршор мебошад. Ва он ифодагари азму ирода, орзуву умеди халқ мебошад.

Ҳини суханронии худ сафири Фавқуллода ва Мухтори Ӯзбекистон дар ҶФО В. Норов зикр намуд, ки номи Алпомиш аз шуури халқи ӯзбек амиқ ҷойгир шудааст ва дар худ фахру ғурури махсусро аз мероси бузурги миллӣ таҷассум гардондааст.

Сарвари ҳайати вакилони ӯзбекистонӣ, ноиби Президенти Фарҳангистони улуми Ӯзбекистон Тӯра Мирзоев суханронӣ карда, зикр намуд, ки корҳо оид ба тарҷумаву омӯхтани асарҳои эҷодиёти даҳонакии халқи ӯзбек, аз он ҷумла дар Олмон ҳанӯз дар нимаи садаи Х1Х оғоз ёфта буду рӯи чопро дидани монографияи калони Карл Рейхел «Ҳамосаи қаҳрамонии халқи ӯзбек «Алпомиш», тадқиқот, матн, тарҷума», на натҳо марҳалаи нав дар муносибати дар бобати аз тарафи аҳли васеи ҷамъияти Олмон дарк кардани аҳамияти калони асарҳои эҷодиёти даҳонакии халқи ӯзбек, балки меҳру муҳаббати ҳақиқӣ ба фарҳанги ӯзбек ва қадру эҳтиром кардани асарҳои бузурги он мебошад.

Ҳунарнамоии бахшии сурхондарёгӣ Шобердӣ Болтаев ба ҳамагон писанд афтод, ки порчаҳоро аз ҳамоса сароид.

Ва воқеаи мазкур аз ҷониби воситаҳои ахбори оммавии Олмон низ васеъ равшан гардид. Масалан, яке аз шабакаҳои машҳури телевизиони мамлакат «Дойче Веелле» дар нигориши махсуси худ ин тавр зикр намудааст: «Қаҳрамони асосии асар Алпомиш барои озодкунии халқи худ, барои дӯстӣ, муҳаббат, садоқат ба Ватан мубориза мебарад. Аз ҳамин сабаб майлу шавқи муштарии олмонӣ ба он баланд аст».

Бо ҳамин мазмун рӯзномаи «Генерал Айсзейтер» мақола чоп карда, ба он «Тақдири қаҳрамонҳо дар торҳои думбра» ном гузоштааст. Аз он ҷумла, чунин сатрҳо иншо гардидаанд: «То ҳол ин қадар майлу шавқи калонро нисбати мероси Шарқ дар Донишгоҳи Бонн мушоҳида нашуда буд. Ва ин кайфияти болидаро имрӯз ҳамосаи қаҳрамонии халқи ӯзбек «Алпомиш» ба вуҷуд овардааст».

Аслам АКБАРОВ, ОИ «Ҷаҳон».

Бо назардошти талаби истеъмолгарон

Аҳли меҳнати Ҷамъияти саҳҳомии тарзи кушоди нонистеҳсолкунии ноҳияи Фарғонаи вилояти Фарғона ба назардошти таклифу мулоҳизаҳои истеъмолгарон маҳсулот тайёр намуда, номгӯи маҳсулотро афзун мегардонанд. Дар ин ҷо ҳар гуна печене, ширавор ва маҳсулоти ғаллагӣ омода мегардад, ки манзури харидорон аст. Аз ҳамин сабаб то ҳол аз ягон муассисаи савдо ва истеъмолгар дар бобати бад будани сифати маҳсулот эътирознома нарасидааст. Зеро маҳсулот хушсифату арзон мебошад.

—Ҳар моҳ қариб 7 тонна печене тайёр мекунем,—мегӯяд сарвари сехи кулчаҳо Салим Маҳмудов.—Маҳсулоти тайёр асосан ба мактабу боғчаи бачагон роҳ пеш мегирад. Баробари ин дар ҳудуди ҷамъомадҳои шаҳрвандони деҳоти ноҳия нонвойхона ташкил ёфтааст. Ҳоли ҳозир миқдори онҳо 28 ададро ташкил медиҳад ва мувофиқи талаби истеъмолгарон маҳсулот тайёр мекунад.

Дар сурат: коргари ҷамъияти саҳҳомӣ **Дилдора Эшматова**.

Матн ва сурати Муқимҷон ҚОДИРОВ (ӮзА).

Ба пешвози 520-солагии Бобур

Нашри нави «Бобурнома»

Тайёрӣ ба муносиб пешвоз гирифтани ҷашни 520-солагии зодрӯзи Заҳириддин Муҳаммад Бобур пурҷӯшу хурӯш аст. Ҳар як муассисаи фарҳанг, ҷамоаи меҳнатӣ ҳаракат мекунад, ки ба ҷашн бо тӯҳфаи муносибе равад. Аз он ҷамоаи Ширкати табъу нашри «Шарқ» ҳам орӣ нест. Аҳли меҳнати он нашри нави «Бобурнома»-ро аз чоп баровард.

Бояд тазаккур дод, ки то ҳол «Бобурнома» чандин маротиба рӯи чопро дида, ба забонҳои мухталиф тарҷума гардида, оиди ин асарҳо ва муаллифи он бисёр китобу рисолаҳо, мақолаҳо иншо гардида бошанд ҳам, аз номукаммалӣ орӣ набуд.

Нашри нави асарро Саидбек Ҳасанов дар пойгоҳи «Бобурнома»-ҳои мансуби қаламӣ Порсо Шамсиев, Содиқ Мирзоев ва Эйжи Мано (Ҷопон) аз нав таҳия намуда, ба ҳукми муштариёни сершумори ин шоири шаҳир пешкаш намудааст. Дар ин тадқиқот маълумотҳои навро дар хусуси номи маҳалҳо, одамон ҷамъ овардаасту дар ин бобат ба вай ҳиндшинос Ансориддин Иброҳимов, афғоншиносон Абдулҳаким Шаръи Ҷузҷонӣ, Ҳалим Ёркин аз наздик кӯмак расондаанд. Ҳамчунин хизматҳои профессор А.Абдуғафуров, С.Ҷалилов, Н.Отаҷонов ва дигарон дар бобати таҳияи нашри нави «Бобурнома» хеле калон аст. Аз нашри нав ҷо пайдо кардани иловаҳо таҳти унвонҳои «Воқеаҳои соли 1528», «Васияти хуфиёнаи Заҳириддин Муҳаммад Бобур», «Нома ба Комрон Мирзо» ва ғайра дар бобати пухтаву нишонрас омӯхтани мероси адабии шоир аҳамияти калон касб мекунанд.

Дар бобати табъу нашри нави «Бобурнома» ҳиммати раиси Бунёди байналхалқии Бобур, шахси фидокор Зокирҷон Машрабов, мафтунгори эҷодиёти Бобур сарвари Ширкату табъу нашри «Шарқ» Бобур Алимов калон аст.

Ва асари мазкур барои омӯхтани қирраҳои нав ба нави эҷодиёти шоир, арбоби давлатӣ Заҳириддин Муҳаммад Бобур на танҳо ба олимон, балки ба тамоми дӯстдорони эҷодиёти ин шахси бузург аҳамияти калон касб мекунад.

(Паёмнигори мо).

Дар осорхонаи Мирзо Турсунзода

Устод Мирзо Турсунзода яке аз фирӯзонкунандаи маънавият ва фарҳанги тоҷик аст. Ӯ раиси Иттиҳоди нависандагони Тоҷикистон ва раиси Қумитаи нависандагони Осиё ва Африкаро дар ӯҳда дошта, аз худ мероси бузурге боқӣ мондааст, ки аз вай имрӯзҳо тамоми авлоди оянда баҳраманд мешаванд.

Солҳои донишҷӯӣ камина дар Душанбешаҳр бо устод ва аҳли оила ва фарзандонашон Маҳмудҷон, Фирӯза, Парвиз дӯстони ҷонӣ будам ва ба хонаашон борҳо рафтаам. Ҳоло ҳам ҳар боре, ки ба Тоҷикистон сафар кунам, албатта, хонаеро ки устод зиндагӣ кардаанд (ҳоло ба осорхона табдил ёфтааст), зиёрат мекунам.

Сафари навбатиам ба Тоҷикистон аз зиёрати осорхонаи устод оғоз ёфт. Дар ҳавлии осорхона нимпайкари адиб гузошта шудааст. Ҳар як хонаи ҳавлӣ бо ашёҳои гуногун ва мероси устод ҷиҳозонида шудааст, ки онҳо аз ҳаёт ва фаъолияти эҷодии устод ҳикоя мекунад.

Дар якумин хонаи калон тӯҳфаҳои дар ҷамъомад ва вохӯриҳо гирифтаи шоир, суратҳо бо деҳқонон, нависандагон, донишҷӯён, либосҳои зарринии гуногун бо тартиб гузошта шудааст. Маъвои дигаре, ки устод бо аҳли оилаашон зиндагӣ мекарданд, аз чор хона иборат буда ҳамаи анҷомҳои рӯзғор он ҷо мавҷуд. Камина дар эҷодхонаи устод бо ручкаашон хотиротҳо навишта бар ҳаққашон қуръон тиловат кардам, ки шояд рӯҳашон шод гардад.

Сӯҳбатамон бо директори осорхона Фарида Низомова самимона гузашту дарҳол бо якдигар унс гирифтем. Аз ҳикояи директор маълум мегардад, ки солҳои пиронсолӣ устод маъво ва мероси худро ба ихтиёри ҳукумат пешниҳод кардаанд. То ки фарзандонашон ҳам ояндаи хешро бо меҳнати шоёнашон пайдо кунанд. Сонитар ҳавлӣ ва хонаи устод ба осорхона табдил ёфтааст. Ин осорхона ҷои дӯстдоштаи меҳмонон ва зиёраткунандагон ба шумор меравад.

Олиябону КАМОЛОВА.

Санҷиши қалам

Аҳли фаҳм

Ҳаҷвия

—Домуллои олам?!

—Эъ, лаббай, ҷони домулло?

—Лаҳзае сабр кунед, ба ман аз ҷое занг омад..

—Ибӣ, навакак омада буд-ку, боз занг, хуб майлаш чӣ илоҷ?!

Домуллои олам суханрониашро барои чанд лаҳза қатъ кард. Хуб аст, ки занг мезананд ва ӯро бо дунёи орзуҳои ширинаш танҳо мегузоранд. Дарс аз таърихи адабиёт буд. Ӯ ҳанӯз қисмати якум аз бахши аввлали мавзӯъро ҳам бозгӯ накарда тайи чаҳор дақиқа бори дуввум аст, риштаи дарсро қатъ мекунанд.

Ҳама корҳо ҳоло хуб ба пеш мераванд. Чашмони домулло аз болои айнак рӯ-рӯи синф давиданд. Бад не,—аз дил гузаронд ӯ—бисту панҷ нафар! «Бузичаҳои ширдеҳ!» Чӯғи ҳосил бад нахоҳад шуд. Дар охири давраи имтиҳонот агар сарикасӣ панҷӣ (яъне, панҷ ҳазорӣ) ҷамъ кунанд, ин мешавад яксаду бисту панҷ... аз ҳамин тилфуни ҷайбӣ... насиби ӯ ҳам мешудагист охир. Аммо агар аз тариқи компутуру тест имтиҳон диҳанд, баъд чӣ мешавад. Ҳолам табоҳ! Уф-ф-ф... ин компутуру интиринту тилфуни мубайл аз куҷо ҳам пайдо шуд, балои азим будааст, ҳоло дар кисаи ҳар донишҷӯи ғоибхон аз он мубайл ҳаст, аммо домуллои олам онро надорад, хуб ҳоло-ку мубайл ба иловаи он компутуру оргаз... орган.... эй чӣ буд, э муре, марги номат, чӣ ҳам бошад аз ақиб як эйшен ҳам дошт... боз интернет барин чизҳо ҳам пайдо шудааст, тавба... ин ҳамон интернети қадима бошад... пурсидан даркор... Аз ин доштану надоштанҳо ӯ пештар ҳам дошт, аммо доштам—доштам ҳисоб нест, дорам-дорам ҳисоб аст. Ин мақоли халқӣ ӯро ба аспи хаёл нишонда ба кӯчаву кӯйҳои ошнову ноошно ва хотироти чанд сол қабл равона сохт. Он вақтҳо на тест буду на рейтинг, андози сарикасӣ хуб усуле буд... ҳоло сабил монад чи чизҳое бофтаву сохтаанд... Чанд лаҳза сипарӣ шуд ё балки чанд дақиқа ӯ намедонист, риштаи хаёли ӯро боз соҳиби ҳамон овоз барканд.

—Домуллоҷон, кор пухт. Ду мошин семент, боз ҳамон қадари дигар оҳак имшаб ба ҳавлии навсохти шогирдатон равона хоҳад шуд, метавонед сӯҳбатро идома диҳед...

—Ин бача кӣ бошад... чеҳрааш ошно. Ёфтам, холабачаи раиси собиқи донишгоҳ-ку. Хайр бало ба пасаш, лӯбиёву каду лаънат ба ҳар ду, дар имтиҳоноти соли гузашта—тобистон худашон ҷаноби раис шахсан хоҳиш карданд, ки хотири ӯро озурда насозам, то тавонам навозишаш кунам, зеро ӯ ҷавони хуштолеъ аст. Дар дафтарчаи муҳассилии ӯ тибқи дархости боло як панҷи панҷарагулчине мунаққаш сохт. Шоми ҳамон рӯз он ҷавони хуштолеъ домуллоро то манзил овард, албатта бо «Нексия»-и лукс. То домулло ҷунбуҷӯли аз мошин фуромаданро мекард, ҷавони донишҷӯ як халтаи аҷиберо, ки шабеҳи гитара буд, бо чанд коғазхалтаи дарунаш пуропур аз бағоҷмонаки ақиби мошин гирифта дартоз ба ошёнаи дуввум бурда дод. Ин қадар ҷусту ҷолок, аҳли фаҳм-дия, аммо гитара барои чӣ? Баъд маълум шуд, ки он гитара неву як рони гов будааст. Медонад, ки домулло дар балкони манзилаш ба ҳеҷ ваҷҳ гову буз бонӣ намекунад... Мегӯянд, ки гӯсолаи шуданиро аз буҷулаки пояш маълум аст. Ояндаи ин бача дурахшон...

Ҳарчанд домулло мекӯшид риштаи қандашудаи дарсро бо ҳам бупайвандад, вале майнаи ӯро ҳамоно мизу дастархони пурнозу неъмат: аз кулчаи ширмол гирифта то анҷиру себу олу, аз пиставу бодоми кӯҳӣ гирифта то мавизи соягини бедон мерабуду мерабуд... Даҳонаш об кушод, хайр чӣ шудааст, аз ин хӯрданиҳо ҳама мехӯранд, аз нохӯрда мурдана хӯрда мурдан беҳтар аст... Аммо тайи он фурсате, ки домулло ҳамон банди матни дарсиро пайдо кард (зоҳиран гӯё ӯ машғули кофтану ёфтани матлаби дарс буд) аспи тундрави хаёли ин нафси гарданшах ҳамоно рӯи мизи пурнозу неъмат ҳай шиҳа мекашид... ба рӯи домулло сурхӣ дамид, бадани фарбеҳи ӯро обу арақ тар кард... хуб нашуд, аз дил гузаронд домулло ва аз чӣ бошад таъкиди муовини илмии раиси донишгоҳ такя бар он, ки то охири соли таҳсил ҳар яке аз устодон ҳадди ақал сетоӣ мақолаи илмиву равишомӯзӣ дар ягон маҷаллаи илмӣ чопшударо дошта бошанд, ба майнааш зад. Охир ӯ ҳанӯз ягон чизи чопӣ надорад... Солҳои пеш ин гапҳо набуданд... Чӣ нависад? Э шуд, ёфтам,—аз дил гузаронд ӯ—ҳамин як донишҷӯи соли аввал байтҳоеро аз куҷоҳое ҷамъ мекард, ҳамонро мегираму ба рӯзнома мефиристам... чӣ шудааст, замин рафта ба осмон намечаспидагист. Ӯ боз машғули суханронӣ шуд... чашмонашро аз рӯи сафҳаи матн намеканд, ин мабод, ки боз иштибоҳ кунад, —шармсор мешавад... мисли он рӯз... ин донишҷӯён ин қадар кунҷков набошанд, аз куҷоҳое савол медиҳанд, шеъри сафедро бори аввал кӣ гуфтааст, шеъри ҳиҷо кай ва дар куҷо бори нахуст суруда шуд, хамса аз ҳамоса чӣ фарқ дорад ва боз насри муосири моро дар хориҷи кишвар оё мутолаа мекарда бошанд ва боз... равобити фарҳангӣ бо кишварҳои ҳамзабон дар кадом сатҳ аст... оё устод мақолаеро дар хориҷи кишвар ба чоп расондааст ва ғайраву ҳоказо... ҳамин ҳам савол шуду.... чашмонаш рӯи сатрҳои сафҳа мелағҷиду забону лабон ба кӯмаки даҳон онро лафз мекарданд. Хуллас, садои занг чун бонги наҷот ӯро аз ин вазъи таҳлукаовар раҳонид...

Баъди чанд рӯз маҷлиси навбатии илмӣ барпо шуд. Дар қатори дигарон ӯ низ сафҳаи рӯзномаро ба аҳли раёсат супурд.

—Ибӣ, мо мақолаи илмӣ мехостем, о ин абёти ошно-ку,-маънидорона ба сӯи ӯ нигарист раиси маҳфил,—чанд моҳ пеш донишҷӯ Салом Айюбӣ онҳоро гирд оварда дар рӯзномаи деворӣи «Адабиётшиносӣ ҷавон» дарҷ ҳам карда буд. Ва раис амр кард то рӯзномаро аз девор канда пеши ӯ биёранд. Ҳамин тавр ҳам карданд. Ҳозирон ба рангу рӯи арақшори домулло нигариста ӯро боз ҳам бештар зери бори хиҷолат қарор доданд.

Раис гуфт:—Ин ҳар дуро бигиред ва аз ин ҷо ташриф бубаред. Ҳамин ки абётро хонда ҳифз кардед, пеши он донишҷӯ имтиҳон месупоред, тамом вассалом.

Домулло сарҳаму арақшор аз хиёбон мерафту зери лаб мегуфт: шеъри сафед, шеъри ҳиҷоӣ, равобити фарҳангӣ, компутар, хамса ва ҳамоса, рейтинг... мубайл... эҳ афсӯс, замони каҷиҳо омад, замони каҷиҳо...

Назруллоҳ РАСУЛЗОДА,
ш.Тошканд.

TV Барномаи ҳафтаина

Аз 27 январ то 2 феврал

ДУШАНБЕ 27

Ўзбекистон I

15.00 Таҳлилнома. 15.45 Ғунчаҳои санъат. Телебозии «Тоҷи тиллоӣ». 16.45 Дар хонаи обод одамони пок умр ба сар мебаранд. 17.05 Қисми якуми видеофилми «Шаби моҳи нав баромада». Қисми як. 18.00 Навигариҳо. 18.10 Гавҳари қалб. 18.30 Мулкдор. 18.45 Телелотереяи «Бахтли воқеа». 19.15 Як ҷуфт суруд. 19.25, 19.55, 20.25, 21.00 Эълонҳо. 19.30 Ахбор (русӣ). 20.00 Афсонаҳои шом. 20.15 Ахбори биржа ва банк. 20.30 Ахбор. 21.05 Сарҳисоб. 21.25 Мероси тиллоӣ. 21.40 Соли 2003—соли маҳаллаи обод. «Дар сафи аксарият». 22.00 Сериали «Камилла». 22.30 Сурудамон ҳамроҳи шумо. 23.00 Ахбор-дайҷест. 23.20 Тимсоли Ватан.

Ўзбекистон II

8.55 Эълони намоишҳо. 9.00 Субҳи Давр. 10.00 Студияи «Авлоди нав». Вазифаи хона. 10.20 Мултсериал. 10.45 Бозӣ кун, бачаҷон, бозӣ кун. 11.00 Як ҳафтаи Давр. 11.30 Шарҳи ТВ. 11.35 Асрори тандурустӣ. 11.55 Лаҳзаҳои мусиқӣ. 12.05 Ҷуғрофияи ҷаҳон. 12.55 Даврнавигариҳо. 13.15 Сериали «Саргузаштҳои зериобии командаи Касто». 14.10 «Дафтари умр». Теша Саидалиев. Қисми як. 14.30 Оҳангҳои дерина. 14.40 «Дафтари умр». Теша Саидалиев. Қисми ду. 15.00 Ҳафтаномаи варзиш. 15.15 Филми бадеии «Шаҳри ғароиб». 16.50 Телефилми «Алла». 17.05 Эълони намоишҳо. 17.10 Почтаи «Авлоди нав». Дунё ва бачаҳо. 17.40 Мултсериал. 18.05 Заҳмати илм. 18.25 Очун. 18.50 Шарҳи ТВ. 18.55, 21.55 Иқлим. 19.00 Давр. 19.35 Шарҳи ТВ. 19.40 Сурудҳои муҳаббат. 19.55 Овози ҷавонон. 20.15, 21.00, 21.35 Эълонҳо. 20.20 Қисми якуми филми телевизионии бадеии «Бозногашт». 21.05 Хандалак. 21.30 Ҳамсинни деҳотиам. 21.50 Мероси тиллоӣ. 22.00 Давр. 22.40 Шарҳи ТВ. 22.45 Сериали «Қаҳваи муҳаббат». 23.10 Варзиш. Интерфутбол. Дар танаффус Давр. 1.00 Шаб ба хайр.

Ўзбекистон III

17.15 Эълони намоишҳо. 17.20 Сериали «Дар зери кунҷи 23,5 дараҷагӣ». 17.45, 19.10, 21.55 Телегазетаи Экспресс. 18.05 Экран ба бачаҳо. 18.30, 20.00, 21.15 Пойтахт. 18.50 Тиб барои шумо. 19.30 Ҷозиба. 19.40 Автонавигариҳо. 20.30 Сериали «Зани мафтункор». 21.35 Хусусигардонӣ давра ба давра. 22.15 Шарҳи Пойтахт. 22.40 Кинонигоҳ. «Салом аз Чарлии трубанавоз». 23.55 Шаб ба хайр, шаҳрам.

Ўзбекистон IV

7.30—9.00 Намоишҳои ТҶР. 17.00 Эълони намоишҳо. 17.05 Вести. 17.20 Сар то сари олам. 18.05 Навигариҳои Евронюс. 18.30 Барномаи ҳаҷвии «Ҳазл аз паси ҳазл». 19.00 Маро интизор бош. 20.00 Телебозии «Кӣ миллионер шудан мехоҳад?». 21.00 Время. 21.35 Сериали «Русҳо дар шаҳри фариштаҳо». 22.40 Тиҷорат-ревю. 22.45 «Олами авиатсия». 23.05 Филми бадеии «Шоссеи саҳарӣ». 0.30 Ахбор (русӣ). 1.05 Шаб ба хайр.

СЕШАНБЕ 28

Ўзбекистон I

6.00 Ассалом, Ўзбекистон. 8.00 Ахбор. 8.35, 17.55 ТВ маркет. 8.40 Шарҳи рўзномаҳо. 9.00 Барои бачаҳо кинодастури «Камалак». 9.40 Андешаҳои деҳот. 10.00, 12.00 14.00, 18.00 Навигариҳо. 10.05 Мулкдор. 10.20 Қисми якуми филми бадеии «Ноттинг Хилл». 11.20 Манзилҳои нурафшон. 11.40 Мултфилмҳо. 11.55, 13.55, 154.55 Шарҳи ТВ. 12.05 Видеофилми «Дарахти мобайни саҳро». 13.05 Дар олами варзиш. 13.35 Дар сафи аксарият. 14.10 Солҳои талабагиам. 14.30 Қисми дуюми филми бадеии «Ноттинг Хилл». 15.20 Чорроҳа. 15.40 Мултфилмҳо. 16.00 Қисми дуюми видеофилми «Шаби моҳи нав баромада». 16.55 Ба ватанам хизмат мекунам. 18.10 Сеҳри соз. 18.30 Одамони рўз. 18.50 Инсон ва қонун. 19.15 Як ҷуфт суруд. 19.25, 19.55, 20.25, 21.00 Эълонҳо. 19.30 Ахбор (русӣ). 20.00 Афсонаҳои шом. 20.15 Навигариҳои Ўзбекистон ба забони англисӣ. 20.30 Ахбор. 21.05 Сарҳисоб. 21.25 Консерти устодони санъат. 21.45 Андоз ва мо. 22.05 Сериали «Камилла». 22.35 Дар сари роҳ. 22.55 Варзиш. 23.10 Ахбор дайҷест. 23.30 Тимсоли Ватан.

Ўзбекистон II

8.55 Эълони намоишҳо. 9.00 Давр. 9.15 Почтаи «Авлоди нав». Дунё ва бачаҳо. 9.45 Мултсериал. 1.010 Лаҳзаҳои мусиқӣ. 10.20 Шарҳи ТВ. 10.25 Фарзандам ҷигарбандам. 10.40 Сериали «Баъд аз соли 2000-ум». 11.00 Тиҷорат академия. 11.20 Кинотақдим. 11.40 Филми телевизионии бадеии «Бозногашт». Қисми як. 12.20 Заҳмати илм. 12.40 Барои бачаҳо мулттамошо. 13.10 Интерфутбол. 14.50 Оҳангҳои дерина. 15.00 Сериали «Бозиҳои аз ақл берункунанда». 15.50 Овози ҷавонон. 16.10 Рў ба рў бо оташ. 16.25 Дастури маърифатии «Сайёраи сеюм». 17.15 Эълони намоишҳо. 17.20 Студияи «Авлоди нав». Саёҳати ҳар соҳа. Шеърияти бачаҳо. 17.50 Мултсериал. 18.15 Сабақҳо оиди андоз. 18.30 Автопатрул. 18.50 Шарҳи ТВ. 18.55, 21.55 Иқлим. 19.00 Давр. 19.35 Шарҳи ТВ. 19.40 Навоҳои ҷавонӣ. 19.55 Давр-сўҳбат. 20.10 Наҷотдиҳӣ. «О50». 20.25 Марди майдон. 20.45, 21.25, 22.35 Эълонҳо. 20.50 Қисми дуюми филми телевизионии бадеии «Бозногашт». 21.30 Овози ҷавонон. 21.50 Мероси тиллоӣ. 22.00 Давр. 22.40 Шарҳи ТВ. 22.45 Сериали «Қаҳваи муҳаббат». 23.10 Варзиш. Нокаут. 23.35 Давр. 23.50 Шаб ба хайр.

Ўзбекистон III

17.15 Эълони намоишҳо. 17..20 Сериали «Дар зери кунҷи 23,5 дараҷагӣ». 17.45, 19.00, 21.15 Телегазетаи Экспресс. 18.05 Экран ба бачаҳо. 18.15 Варзиш ва бачаҳо. 18.30, 20.00, 21.15, 22.35 Пойтахт. 18.50 Ҳимоя. 19.00 Навоҳои суннатӣ. 19.40 «Касбӣ». 20.30 Сериали «Зани мафтункор». 21.35 Барои осоиштагии аҳли байт. 23.00 Серияи дуюми филми бадеии «Команда аз назди шаҳр». 0.20 Шаб ба хайр, шаҳрам.

Ўзбекистон IV

7.30, 9.00 Намоишҳои ТҶР.17.00 Эълони намоишҳо. 17.05 Вести. 17.20 Хонаи ханда. 18.10 Мусиқӣ. 18.20 Навигариҳои Евронюс. 18.30 «Сатӣ». Евгений Миронов. 19.00 Сериали «Замини муҳаббат, замини умед». 20.00 Телебозии Халқаи заиф. 21.00 «Время». 21.35 Сериали «Русҳо дар шаҳри фариштаҳо». 22.45 Тиҷорат-ревю. 22.50 Хроника. 23.05 Навигариҳои Ўзбекистон ба забони англисӣ. 23.15 Филми бадеии «Деннис ҳуҷум мекунад». 0.30 Ахбор (русӣ). 1.05 Шаб ба хайр.

ЧОРШАНБЕ 29

Ўзбекистон I

6.00 Ассалом, Ўзбекистон. 8.00 Ахбор. 8.35, 17.55 ТВ маркет. 8.40 Шарҳи рўзномаҳо. 9.00 Телефилмҳои «Афросиёб», «Суратҳои болои шаҳ». 9.20 Олами мусиқии симфонӣ. 9.40 Телеалманахи «Ин фасли аҷиб». 10.00, 12.00, 14.00, 18.00 Навигариҳо. 10.05 Инсон ва қонун. 10.30 Филми бадеии «Шайтонбача». 11.40 Андоз ва мо. 12.05 Мултфилмҳо. 12.20 Одамони имрўз. 12.40 Шарҳи ТВ. 12.45 Варзиш. 13.00 Панди падарон. 14.10 Остонааш аз тилло. 14.35 Филми бадеии «Дўст ҳангоми кулфат санҷида мешавад». 15.45 «Мавҷи Машъал». 16.15 Дар оилаи ягона. 16.45 Боварӣ. 17.00 Экран ба бачаҳо. Телемусобиқаи «Тохту тоз мекунем». Вохўриҳои завқбахш. 18.10 Ҳунарманд. 18.30 Телелотереяи «Умед». 19.00 Як ҷуфт суруд. 19.10 Истеъмолгар. 19.25, 19.55, 20.25, 21.00, 22.55 Эълонҳо. 19.30 Ахбор (русӣ). 20.00 Афсонаҳои шом. 20.15 Рў ба рў. 20.30 Ахбор. 21.05 Сарҳисоб. 21.25 Қисми якуми видеофилми «Мубориза барои осоиштагӣ». 21.45 Ўзбекистон Ватани ман. 22.05 Сериали «Камилла». 22.35 Варзиш. «Авлодони Алпомиш». 23.00 Ахбор-дайҷест. 23.20 Тимсоли Ватан.

Ўзбекистон II

8.55 Эълони намоишҳо. 9.00 Давр. 9.15 Студияи «Авлоди нав». Саёҳати ҳар соҳа. Шеърияти бачаҳо. 9.45 Мултсериал. 10.10 Давр-сўҳбат. 10.25 Лаҳзаҳои мусиқӣ. 10.35 Шарҳи ТВ. 10.40 Сериали «Баъд аз соли 200-ум». 11.00 Сабақҳо оиди андоз. 11.15 Қисми дуюми филми телевизионии бадеии «Бозногашт». 11.55 Овози ҷавонон. 12.15 Филми бадеии «Маликаи бензоколонка». 13.25 Варзиш. Нокаут. Теннис. 14.30 Одамони оддӣ. 14.50 Сериали «Бозиҳои аз ақл берункунанда». 15.40 Автопатрул. 16.00 Сериали «Саргузаштҳли зериобии командаи Касто». 16.45 Эълони намоишҳо. 16.50 Студияи «Авлоди нав». Кабутари сафед. 17.15 Мултсериал. 17.40 Овози ҷавонон. 18.00 Тележурнали экологии «Оби ҳаёт». 18.15 Ракурс. 18.35 Каталог. 18.45 Навоҳои шом. 18.55, 21.55 Иқлим. 19.00 Давр. 19.35 Дастархони пурфайз. 20.00 Спортлото. 20.10 Филми ҳуҷҷатии «Сухани халқ —сухани ҳақ». 20.40, 21.25, 22.35 Эълонҳо. 20.45 Қисми сеюми филми телевизионии бадеии «Бозногашт». 21.30 Асрори чемпион. 21.50 Мероси тиллоӣ. 22.00 Давр. 22.40 Шарҳи ТВ. 22.45 Сериали «Қаҳваи муҳаббат». 23.10 Варзиш. Интерфутбол. Дар танаффус Давр. 1.00 Шаб ба хайр.

Ўзбекистон III

17.15 Эълони намоишҳо. 17.20 Сериали «Дар зери кунҷи 23,5 дараҷагӣ». 17.45, 19.10, 22.25 Телегазетаи Экспресс. 18.05 Экран ба бачаҳо. 18.30, 20.00, 21.15, 22.45 Пойтахт. 18.50 Меҳмонхонаи мусиқӣ. 19.30 Телеклуби «Зан модар, мураббӣ, раҳбар». 19.50 Олами ҷавоҳирот. 20.30 Сериали «Зани мафтункор». 2135 Мулоқоти «Дорухона мешунавад». 23.10 Кинонигоҳ. «Бузург». 0.45 Шаб ба хайр, шаҳрам.

Ўзбекистон IV

7.30—9.00 Намоишҳои ТҶР. 17.00 Эълони намоишҳо. 17.05 Вести. 17.20 «Фассо Букаи Мадакаскар».18.10 Навигариҳои Евронюс. 18.25 Мусиқӣ. 18.30 Панорамаи хандаи Е.Петросян. 19.00 Сериали «Замини муҳаббат, замини умед». 20.00 Телебозии «Рулетка рус». 21.00 Время. 21.40 «Телесериали «Русҳо дар шаҳри фариштаҳо». 22.45 Тиҷорат ревю. 22.50 Мамлакатҳои ҷаҳон. 23.10 Филми бадеии «Очонсии «Шуои моҳ». 0.00 Ахбор. (русӣ). 0.35 Шаб ба хайр.

ПАНҶШАНБЕ 30

Ўзбекистон I

6.00 Ассалом, Ўзбекистон. 8.00 Ахбор. 8.35, 17.55 ТВ маркет. 8.40 Шарҳи рўзномаҳо. 9.00 Экран ба бачаҳо. Телемусобиқаи «Тохтутоз мекунем». Вохўриҳои шавқбахш. 10.00, 12.00, 14.00, 18.00 Навигариҳо. 10.05 Истеъмолгар. 10.20 Шарофати афсонаҳо. 11.20 Дунёи рангин. 11.40 Оламро эҳтиёт кунед. 12.05 Қисми якуми филми бадеии «Шердил». 13.30, 13.55 Шарҳи ТВ. 13.35 Варзиш. «Авлодони Алпомиш». 14.10 Қисми дуюми филми бадеии «Шердил». 15.35 Моҳият. 15.55 Ўзбекистон Ватани ман. 16.15 Қисми якуми видеофилми «Мубориза барои осоиштагӣ». 16.35 Ҳунарманд. 16.55 Экран ба хурдтаракон. Осмони мусаффои бачагӣ. Бешбармоқ. 18.10 Ўзбекистон: ҷавонони асри ХХ1. 18.30 Телелотереяи «Яхши ният». 19.00 Инсон ва қонун. 19.25 , 19.55, 20.25, 21.00 Эълонҳо. 19.30 Ахбор (русӣ). 20.00 Афсонаҳои шом. 20.15 Навигариҳо Ўзбекистон ба забони англисӣ. 20.30 Ахбор. 21.05 Сарҳисоб. 21.025 Қисми дуюми видеофилми «Мубориза барои осоиштагӣ». 21.45 Оҳангҳои диёр. 22.05 Варзиш. 22.20 Филми бадеии «Шукри офаридгар». 0.00 Ахбор дайҷест. 0.20 Тимсоли Ватан.

Ўзбекистон II

8.55 Эълони намоишҳо. 9.00 Давр. 9.15 Студияи «Авлоди нав». Кабутари сафед. 9.40 Мултсериал. 10.00 Шуоҳои тафаккур. 10.15 Лаҳзаҳои мусиқӣ. 10.25 Шарҳи ТВ. 10.30 Ракурс. 10.50 Қитъаи варзиш. 11.20 Асрори чемпион. (русӣ). 11.40 Қисми сеюми филми телевизионии бадеии «Бозногашт». 12.20 Овози ҷавонон. 12.40 Ҷуғрофияи ҷаҳон. 13.30 Оҳангҳои дерина. 13.40 Интерфутбол. 15.2 Экран ба хурдтаракон. Мултфилм. 15.45 Тележурнали экологии «Оби ҳаёт». 16.00 Сериали «Бозиҳои аз ақл берункунанда». 16.15 Эълони намоишҳо. 16.55 Студияи «Авлоди нав». Забони бача. Калиди тиллоӣ. 17.25 Мултсериал. 17.50 Наҷотдиҳӣ «О50». 18.05 Телефилми «Хазинаи нодир». 18.15 Огоҳ. 18.30 Дар олами табобат. 18.50 Шарҳи ТВ. 18.55, 21.55 Иқлим. 19.00 Давр. 19.35 Шарҳи ТВ. 19.40 Ахбори Коском. 19.45 Сурудҳои ҷавонӣ. 20.00 Давр сўҳбат. 20.15 «Фарзанди диёри озодам». Намоиш оиди стипендиатҳои Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон. 20.40, 21.25, 22.35 Эълонҳо. 20.45 Қисми чоруми филми телевизионии бадеии «Бозногашт». 21.30 Мизон. 21.50 Мероси тиллоӣ. 22.00 Давр. 22.40 Шарҳи ТВ. 22.45 Сериали «Қаҳваи муҳаббат». 23.10 Варзиш. Интерфутбол. Дар танаффус Давр. 1.00 Шаб ба хайр.

Ўзбекистон III

17.15 Эълони намошҳо. 17.20 Сериали «Дар зери кунҷи 23,5 дараҷагӣ». 17.45, 19.05, 22.05 Телегазетаи Экспресс. 18.05 Экран ба хурдтаракон. 18.30, 20.00, 21.15, 22.25 Пойтахт. 18.50 Навниҳол. 19.25 Дўкони ханда. 19.50 Ҷозиба. 20.30 Сериали «Зани мафтункор». 21.35 «Нимаи дуюм». 22.50 Кинонигоҳ. Филми бадеӣ. 0.00 Шаб ба хайр, шаҳрам.

Ўзбекистон IV

7.30, 9.00 Намоишҳои ТҶР. 17.00 Эълони намоишҳо. 17.05 Вести. 17.20 Навигариҳо. 18.10 Навигариҳои Евронюс. 18.30 Барномаи ҳаҷвии «Мо аноӣ нестем». 19.00 Сериали «Замини муҳаббат, замини умед». 20.00 «Халқаи заиф». 21.00 «Время». 21.40 Сериали «Русҳо дар шаҳри фариштаҳо». 22.45 Тиҷорат-ревю. 22.50 Одамони корчаллон. 23.10 Олами технологияи баланд. 23.20 Эквалайзер. 23.45 Соккар клуб. 00.05 Навигариҳои Ўзбекистон ба забони англисӣ. 0.15 Ахбор (русӣ). 0.50 Шаб ба хайр.

ҶУМЪА 31

Ўзбекистон I

6.00 «Ассалом, Ўзбекистон». 8.00 Ахбор. 8.35 ТВ маркет.8.40 Шарҳи рўзномаҳо. 9.00 Экран ба хурдтаракон. Осмони мусаффои бачагӣ. Бешбармоқ. 10.00, 12.00, 14.00, 18.00 Навигариҳо. 10.05 Инсон ва қонун. 10.30 Филми бадеии Паррандаи сабз». 12.05 Оҳангҳои диёр. 12.25 Мултсериал. 12.55, 13.55 Шарҳи ТВ. 13.00 Ўзбекистон: ҷавонони асри ХХ1. 13.20 Телеалманахи «Олам». 14.10 Варзиш. 14.25 Филми бадеии «Ҳукмдори тўфонҳо». 15.55 Сабақҳои ҳуқуқ. 16.15 Қисми дуюми видеофилми « Мубориза барои осоиштагӣ». 16.35 Таронаҳои эстрадӣ. 17.00 Экран ба бачаҳо. Телемусобиқаи «Фикр кун, ҷўй, ёб». Мултфилм. 18.10 Ба пешвози садсолагии Ғ.Ғулом. «Шоирро ёд карда» 18.20 Навоҳои суннатӣ. 18.30 Қадамҳои тиббиёт. 18.45 Тафсилот. 19.05 Ба сўи ҳидоят. 19.25, 19.55, 20.25, 21.00 Эълонҳо. 19.30 Ахбор (русӣ). 20.00 Афсонаҳои шом. 20.15 Як ҷуфт суруд. 20.30 Ахбор. 21.05 Сарҳисоб. 21.25 Гавҳораи тиллоӣ. 21.50 Сериали «Камилла».22.20 Баромади ансамбли рақс ва суруди «Ўзбекистон». 22.40 Қисми якуми филми бадеии «Ритсари якум». 23.40 Ахбор дайҷест. 0.00 Қисми дуюми «Ритсари якум». 1.00 Тимсоли Ватан.

Ўзбекистон II

8.55 Эълони намоишҳо. 9.00 Давр. 9.15 Студияи «Авлоди нав». Забони бача. Калиди тиллоӣ. 9.45 Мултсериал. 10.10 Давр сўҳбат. 10.25 Лаҳзаҳои мусиқӣ. 10.35 Шарҳи ТВ. 10.40 Мизон. 11.00 Сериали «Баъд аз соли 2000-ум». 11.20 Овози ҷавонон. 11.40 Қисми чоруми филми телевизионии бадеии «Бозногашт». 12.20 Фарзанди диёри озодам. Намоиш оиди стипендиатҳои Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон. 12.45 Интерфутбол. 14.25 Оҳангҳои дерина. 14.35 Дастури маърифатии «Сайёраи сеюм». 15.25 Телефилми «Сигоркашӣ зарари тандурустӣ». 15.35 Филми бадеии «Пайгир». 17.10 Эълони намоишҳо. 17.15 Студияи «Авлоди нав». Шоҳсуфа. 17.35 Мултсериал. 18.00 Автосалтанат. 18.15 ОИ «Ҷаҳон» тақдим мекунад. Видеофилми «Нафаси замони нав». 18.50 Шарҳи ТВ. 18.55, 21.55 Иқлим. 19.00 Давр. 19.35 Шарҳи ТВ. 19.40 Дастури мусиқии «Ишқи ёр». 19.55 Нигоҳи Давр. 20.15 Овози ҷавонон. 20.35, 21.20, 22.35 Эълонҳо. 20.40 Қисми панҷуми филми телевизионии бадеии «Бозногашт». 21.25 Ашъори суннатии ўзбек. 21.30 Мактубҳои сарбозон. 21.50 Мероси тиллоӣ. 22.00 Давр. 22.40 Шарҳи ТВ. 22.45 Сериали «Қаҳваи муҳаббат». 23.10 Варзиш. Шоҳони ринг. 0.10 Давр. 0.25 Шаб ба хайр.

Ўзбекистон III

17.15 Эълони намоишҳо. 17.20 Сериали «Дар зери кунҷи 23,5 дараҷагӣ». 17.45, 19.10, 21.55 Телегазетаи Экспресс. 18.05 Экран ба бачаҳо. 18.05, 20.00,21.15, 22.15 Пойтахт. 18.50 Шаб ба хайр. 19.30 Танаффуси мусиқӣ. 19.45 Дар хизмати мардум. 20.30 Сериали «Зани мафтункор». 21.35 Ҳамшаҳриён. 22.40 Кинонигоҳ. «Рақси охирин». 0.15 Шаб ба хайр шаҳрам.

Ўзбекистон IV

7.30—9.00 Намоишҳои ТҶР. 17.00 Эълони намоишҳо. 17.05 Вести. 17.20 Худ ба худ режиссёр. 18.05 Мусиқӣ. 18.15 Навигариҳои Евронюс. 18.30 Филми ҳуҷҷатӣ. 19.00 Сериали «Замини муҳаббат, замини умед». 19.50 Майдони мўъҷизаҳо. 21.00 «Время». 21.354 Бенефиси Е.Шифрин. Бо иштироки М.Евдокимов, М. Галкин, А.Ширвиндт. М.Державин, Н.Гурченко. 0.30 Ахбор (русӣ). 1.05 Шаб ба хайр.

ШАНБЕ 1

Ўзбекистон I

6.00 Ассалом, Ўзбекистон. 8.00 Ахбор. 8.35 ТВ маркет. 8.40 Шарҳи рўзномаҳо. 9.00 Шуоҳои умедбахш. 9.25 Ба сўи ҳидоят. 9.45 Экран ба бачаҳо. Телемусобиқаи «Фикр кун, ҷўй, ёб». Мултсериал. 10.45 Гавҳораи тиллоӣ. 11.10, 15.55 Шарҳи ТВ. 11.15 Филми ҳуҷҷатии «Ҳақиқат дар бораи паррандаҳо». 12.05 Консерти ансамбли рақс ва суруди «Ўзбекистон». 12.25 Қисми якуми филми бадеии «Саодати хотира». 13.30 Ҷараёни адабӣ. 14.00 Қисми дуюми филми бадеии «Саодати хотира». 15.05 Телешоуи « Арўсу домод». 16.00 Дар оилаи ягона. 16.30 Дастури мусиқии «Олами орзуҳо». 17.00 Ба бахтамон сиҳат бошед. 17.20 Дунёи рангин. 17.40 Телеалманахи «Ин фасли аҷиб». 18.00 Телешоуи «Майдончаи мўъҷизаҳо» 19.05 Намоиши ҳаҷвии «Ҷиз биз». 19.25 , 19.55, 20.25, 21.00 Эълонҳо. 19.30 Ахбор (русӣ). 20.30 Афсонаҳои шом. 20.15 Навигариҳои Ўзбекистон ба забони англисӣ. 20.30 Ахбор. 21.05 Дар хонаи обод одамони пок умр ба сар мебаранд. 21.25 Як ҷуфт суруд. 21.35 Телешоуи «Гап баромад». 22.10 Телеминиатураҳо. 22.40 Ахбор дайҷест. 23.00 Қисми якуми филми бадеии «Хонум Каролина Лемб». 0.00 Тимсоли Ватан.

Ўзбекистон II

7.55 Эълони намоишҳо. 8.00 Субҳи Давр. 9.00 Студияи «Авлоди нав». «Шоҳсуфа». 9.20 Дар олами табобат. 9.40 Нигоҳи Давр. 10.00 Лаҳзаҳои мусиқӣ. 10.10 Шарҳи ТВ. 10.15 Огоҳ. 10.30 Овози ҷавонон. 10.50 Телеклуби ҷавонон—«Бунёдкор». 11.10 Варзиш. Шоҳони ринг. 12.10 Қисми панҷуми филми телевизионии бадеии «Бозногашт». 12.50 Оҳангҳои дерина. 13.00 Меҳмони ғайриҷашмдошт. 13.20 Филми бадеии «Заволи боварӣ». 14.50 Аз забони бача. 15.20 Мултфилм. 16.05 Тилисми оила. 16.30 Сериали «Ҷаноб Бин». 17.00 Варзиш. Теннис. 17.40 Эълони намоишҳо. 17.45 Студияи «Авлоди нав». Бекор нашин. 18.05 Мулттамошо. 18.20 Футбол ҷамъ. 18.40 Каталог. 18.50 Шарҳи ТВ. 18.55, 21.55 Иқлим. 19.00 Давр. 19.35 Шарҳи ТВ. 19.40 Сурудҳои ҷавонӣ. 19.55 Қисми якуми театри «Қаҳқаҳа» тақдим мекунад. 20.15 Давр репортаж. 20.25, 21.05, 22.35 Эълонҳо. 20.30 Қисми шашуми филми телевизионии бадеии «Бозногашт». 21.10 Оҳанрабо. 21.45 Мероси тиллоӣ. 22.00 Давр. 22.40 Шарҳи ТВ. 22.45 Таронаҳои шабона. 22.55 Қисми якуми филми бадеии «Шаддод». 0.30 Шаб ба хайр.

Ўзбекистон III

17.15 Эълони намоишҳо. 17.20 Мултокарусел. 20.40 Ҷуғрофияи олам. 18.10, 20.10, 21.05 Телегазетаи Экспресс. 18.30 Афиша. 18.50 Лаҳзаҳои мусиқӣ. 19.00 Пойтахт. 19.20 Табрику муборакбод мекунем. 20.00 ТВ мадад. 20.30 Хусусигардонӣ: давра ба давра. 20.50 Ҳамчун гавҳар. 21.25 Кинонигоҳ. «Виллаи орхидей». 23.00 Шаб ба хайр шаҳрам.

Ўзбекистон IV

9.00 Эълони намоишҳо. 9.05 Мусиқӣ. 9.10 Мултсеанс. .20 Ду роял. 10.10 Смак. 10.30 Панорамаи хандаи Е.Петросян. 11.05 Саёҳати табиатшинос. 11.35 Навигариҳо. 11.45 Соати бачаҳо. Филми бадеии «Бўр». 13.15 «Аслашро гўем». 13.55 Видеоканали «Дўстӣ». Ўзбекистон хонаи умумии мо. Умед. Бизнен мерас. 18.00 Эълони намоишҳо. 18.05 Технологияи варзиш. 18.20 Намоиши ҳаҷвии «Ҳазл аз паси ҳазл». 18.55 «Кӣ миллионер шудан мехоҳад?». 20.00 «Қаҳрамони охирин 3». 21.00 «Время». 2130 Услуб. 21.45 Муҳити зиндагӣ. 22.00«Наҳорӣ бо ситора». 22.15 Хит парад. 22.30 Навбатдории шабона. 223.45 Кинонигоҳ. Филми бадеӣ. 0.15 Ахбор (русӣ). 0.50 Шаб ба хайр.

ЯКШАНБЕ 2

Ўзбекистон I

6.00 Ассалом, Ўзбекистон. 8.00 Ахбор. 8.35 Барои бачаҳо кинодастури «Камалак». 9.10 Ғароибот. 9.30 Телеминиатураҳо. 10.00 Ба Ватанам хизмат мекунам. 11.00 Меҳри модар. 11.20, 12.45 Шарҳи ТВ. 11.25 Рақиби шумо гроссмейстер. 11.35 Мултсериал. 11.50 «Муаллими соли — 2002». 12.10 Телешоуи «Гап баромад». 12.50 Қисми якуми филми бадеии «Ватанпарвар». 14.05 Чемпионати Ўзбекистон аз рўи кураш. 14.35 Қисми дуюми филми бадеии «Ватанпарвар.» 15.20 Дастури мусиқӣ. 16.20 Солҳои талабагиам. 16.45 Экран ба бачаҳо. Зинаҳои камолот. Телебозии «Тоҷи тиллоӣ». 17.45 Гавҳари қалб. 18.05 Шарҳи портрет». 18.25 Ҳокимияти чорум. 18.45 Телелотереяи «Оқ олтин». 19.15 Як ҷуфт суруд. 19.25, 20.20, 20.25,21.10 Эълонҳо. 19.30 Таҳлилнома (русӣ). 20.05 Таронаҳои эстрадӣ. 20.30 Таҳлилнома. 21.15 Давраи духтарон. 22.45 Дар олами варзиш. 23.15 Кинотеатр. 23.35 Қисми дуюми филми бадеии «Хонум Каролина Лемб». 0.30 Тимсоли Ватан.

Ўзбекистон II

7.55 Эълони намоишҳо. 8.00 Субҳи Давр. 9.00 Студияи «Авлоди нав». Бекор нашин. 9.20 Мултфилм. 9.45 Футбол ҷамъ. 10.05 Давр репортаж. 10.15 Дастрахони пурфайз. 10.40 Лабиринт. 11.05 Баромади талабагон ва муаллимони консерваторияи давлатии Ўзбекистон. 11.25 Дастури ҳарбӣ-ватанпарварӣ. Марди майдон. Мактубҳои сарбозон. Наҷотдиҳӣ «050». 12.20 Қисми шашуми филми бадеии телевизионии «Бозногашт». 12.55 Асрори чемпион. 13.15 Ҳамсинф. 13.50 Экран ба бачаҳо. «Саргузашти кўзапушт». 15.00 Ҳамсинни деҳотиам. 15.20 Филми бадеии «Огоҳонӣ». 16.50 Оҳангҳои дерина. 17.05 Эълони намоишҳо. 17.10 Студияи «Авлоди нав» Танаффуси калон. 17.35 Мулттамошо. 17.50 Ҳафтаномаи варзиш. 18.05 Дастури маърифатии «Сайёраи сеюм». 18.55 Шарҳи ТВ. 18.55, 21.55 Иқлим. 19.00 Давр навигариҳо. 19.20 Шарҳи ТВ. 19.25 Сурудҳои муҳаббат. 19.40 Қисми дуюми театр-студияи «Қаҳқаҳа» намоиш медиҳад. 20.00, 20.35, 22.30 Эълонҳо. 20.05 Сериали «Ҷаноб Бин». 20.40 Сурудҳо дар васфи Ватан.20.50 Бозии интеллектуалии «Заковат». 21.40 Сурудҳо бар ғазалҳои А.Навоӣ. 22.00 Як ҳафтаи Давр. 22.35 Шарҳи ТВ. 22.40 Таронаҳои шабона. 22.50 Қисми дуюми филми бадеии «Шаддод». 0.25 Шаб ба хайр.

Ўзбекистон III

17.15 Эълони намоишҳо. 17.20 Олами сеҳрноки афсонаҳо. 19.00, 20.10, 21.25 Телегазетаи Экспресс. 19.20 Табрику муборакбод мекунем. 20.00 ТВ мадад. 20.30 Ҷуғрофияи ҷаҳон. 21.00 Шарҳи Пойтахт. 21.45 ТВ ҷамъ. 22.10 Кинонигоҳ. «Занҳо чӣ мехоҳанд?». 23.40 Шаб ба хайр шаҳрам.

Ўзбекистон IV

9.00 Эълони намоишҳо. 9.05 Мусиқӣ. 9.15 Мултсеанс. 9.35 Фан тайм. 9.45 Забони англисӣ барои шумо. 10.10 Қайдҳои ғайрироҳии Д.Крылов. 10.30 Ҳангоме, ки ҳама дар хонаанд. 11.05 «Пазандагӣ». 12.00 Барномаи ахбору истироҳатии «Кайфият». 13.30 Забони франсавӣ. 13.55 Зинат ва қимати экран. 14.20 Забони англисӣ. 14.30 Хусусигардонӣ: давра ба давра. 14.50 Навигариҳои Ўзбекистон ба забони англисӣ. 15.00 Видеоканали «Дўстӣ». Дийдор. Маврид. Забони куриёиро меомўзем. 17.00 Эълони намоишҳо. 17.05 «Генерал Ҷ.Вашингтон». 17.35 Автострада. 17.50 Одамони аҷоиб. 18.05 «Афсона». 18.25 Мусиқӣ. 19.10 Консерт бахшида ба чемпиони Русия «Локомотив». 20.50 Мусиқӣ. 21.00 Ҳафт рўз. Ҷамъбасти ҳафта. 21.25 Аз ҳафт то ҳафтод. 21.55 Ҳамсин. 22.25 Кинопрофӣ. 22.45 Филми бадеии «Кевин аз шимол». 0.15 Таҳлилнома. 0.50 Шаб ба хайр.

Ба диққати омўзгорон ва директорони мактабҳои тоҷикӣ

Хонаи нашриёти «Иҷод дунёси», ки дар кўчаи ба номи Алишери Навоӣ рақами 40-уми Тошкандшаҳр ҷойгир аст, дар бобати таъмин кардани мактабҳо бо китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимӣ саҳми арзандаи худро мегузорад.

Ба қарибӣ аҳли он китоби дарсиро таҳти унвони «Ўзбек тили 8 синф» аз чоп баровард, ки барои мактабҳои забони таълимашон тоҷикӣ таъин гардидааст.

Онро дастрас карда, шогирдонро боз аз як манбаи илм бохабар гардонед.

ХОНАИ НАШРИЁТИ «ИҶОД ДУНЁСИ».

Варзиш

Офарин

Январ ба ҳаводорони варзиш, бахусус футболу бокс рўзҳои фаромўшнопазир мебахшад. Тавре ки маълум аст, дар Маскав талоши чемпионони мамлакатҳои ИДМ оғоз ёфт. Шарафи футболи Ўзбекистонро чемпиони Ўзбекистон «Пахтакор» ҳимоя мекунад. Ва бояд гуфт, ки бо тамоми масъулият ҳимоя мекунад. Ба ин болодастии ҷамоаи «Пахтакор» дар талоши аввалин бар тими «Шахтёр» гувоҳӣ медиҳад. Мусобиқаи дуюм бо ҷамоаи ҷавонони Озарбойҷон, ки якранг (1:1) анҷом ёфт, ба «Пахтакор» имкониятт дод, ки ба талошҳои чорякфиналӣ бароял... Дар ин мусобиқа «Пахтакор» ҷамоаи «Флора» (Эстония)-ро мағлуб сохт.

Шодии мухлисони футбол идома дошт, ки аз Австралия хушхабар расид. Муштзани мо Муҳаммадқодир Абдуллоев дар Австралия, аниқтараш дар Мелбурн бо чемпиони собиқи ҷаҳон Филип Холидей мусобиқаи навбатиро дар роҳи чемпионӣ гузаронд. Тавре ки ҳама ба воситаи телевизион тамошо кардем, боксчии мо дар раунди якум рақибашро ба таслим шудан маҷбур сохт. Ин қадами боварибахши ў ба талошҳои минбаъда мебошад.

Руслан Чагаев, ки дар вазни вазнин дар талошҳои муштзанони касбӣ иштирок дорад, низ соҳиби ғалаба гашт. Маҳорати боксчиамон Артур Григорян кайҳост, ки ба ҳама маълум аст. Ў дар сафи боксчиёни касбӣ 35 маротиба ба ринг баромада ягон маротиба ҳам мағлуб нагаштааст. Талоши навбатии ў бо муштзани полшагӣ Мит Зиген буд. Ин варзишгар низ то вохўрӣ бо А.Григорян 25 маротиба мусобиқа карда дар ҳамаи зўрозмоиҳо болодастӣ карда буд. Вале ин дафъа ў омад накард. Муштзани полшагӣ, ки бо мақсади аз Артур Григорян гирифтани камари чемпионӣ ба майдон баромада буд, фанд хўрд. Муштзани мо ин дафъа низ ҳарифашро мағлуб сохта камари чемпиониро аз даст надод. Ин ғалабаи 36-уми Артур Григорян дар талошҳои ҷаҳонӣ буд.

Мо ба муштзанон, тўбронон ва тамоми варзишгаронамон, ки дар арсаи байналхалқӣ шарафи Ўзбекистонро ҳимоя мекунанд бурдбориҳо металабем.

Оё шумо медонед?

Ҷуворимакка чун растании шифобахш ҳаматарафа тадқиқ нагардидааст. Вале илм баъзе хусусиятҳои шифобахшии онро исбот кардааст. Аз крахмали ҷуворимакка глюкоза, луоб тайёр мекунанд ва он чун воситаи пўшонанда, хока, упо ва дигар доруҳо истифода мегардад. Равғани ҷуворимакка дар таркибаш леситин дорад, ки он барои ҷамъшавии холестрин дар рўи девораи дохили рагҳои хун монеъ мешавад. Аз ҳамин сабаб бар зидди атеросклероз воситаи хуби пешгирикунанда ва шифобахш мебошад. Мўякҳои он низ хосияти шифобахшӣ доранд. Ҷавҳар ва ё қиёми аз мўякҳои сари ҷуворимакка тайёркардаро аз рўи тавсияи духтур барои табобати маризии Боткин (зардпарвин), варами талха ва ҷигар, дигар маризиҳо истифода мебаранд.

***

Хўрдани райҳон ба меъдаву дил ва димоғ қувват дода, шодӣ ва нишот меоварад. Райҳон шири занонро афзуда, арақро равон мекунад. Бўйидани кўбидаи он атса оварда, димоғро мекушояд.

Райҳон табиатро нарму гирифтагии қалбро рафъ сохта, санги масонаро мерезонад.

Чакондани оби райҳон бо сирко ва кофур (камфора) дар бинӣ хуни димоғро манъ мекунад. Агар гарди кўбидаи ўро дар чашм пошанд, обрезии чашмро барҳам дода, боиси зиёд шудани нуру қуввати чашм мегардад. Молидани оби райҳон бар гирду атрофи чашм вараму оби ҷории онро барҳам медиҳад, молидани шарбати райҳон ба ҷои газидаи занбўру каждум дарди онро сокин месозад.

Агар аз кўбидаи райҳон бо орди ҷав, равғани гули сурх ва бодому сирко хамирча карда, бар пистон банданд, дарду варами онро нест карда, роҳи ширро мекушояд.

Хоидани райҳон даҳонро хушбў карда, кундии дандонро бартараф месозад.

Хўрдани тухми райҳон боиси нест шудани даму боди шикам мегардад.

Як мушт тухми райҳонро кўфта, бо шарбат ҷўшонанд ва соф карда, онро бо як истакон равғани зайтун чунон ҷўшонанд, ки обаш тамом шуда равған боқӣ монад. Агар онро се рўз бо оби гарм хўранд, кирми меъдаро мерезонад.

***

Ҷангалзорҳои рўи замин барои инсоният қисмати ба худ хос ва муҳими биосфера мебошад. Ҷангалҳо танҳо 8 фоизи масоҳати сайёраро ишғол намуда, нури Офтобро ба худ гирифта, 33 фоизи моддаҳои органикии дар биосфера ҳосилшавандаро аз худ ҷудо мекунанд. Ҳисоб карда шудааст,ки 1 гектар ҷангал дар давоми як соат гази туршии ангишти дар ин вақт аз садҳо одамон мебаромадаро ба худ ҷабида мегирад. Ҷангал махсусан дар давраи пешрафти илму техника, ки корхонаҳои сершумор, муҳаррики мошинҳо миқдори зиёди оксингенро ба худ кашида мегиранд, аҳамияти калон пайдо мекунад. Фаъолияти вай такроран ба биосфера додани оксигенро маҳдуд намегардонад. Ҷангал иқлимро мўътадилу форам гардонда, ҷараёни оби дарёҳоро ба тартиб меандозад, вайроншавии заминро аз обу шамол муҳофизат карда, ба саломатии инсон таъсири мусбӣ мерасонад. Ҷангалзор манбаи ҷўбу тахта ва ҳам манбаи озуқаворӣ мебошад. Бинобар ин ҷангал беҳамтост.

***

Хўрок манбаи асосии қуввваи инсон буда, ба организми инкишофёфтаистода барои ба вуҷуд овардани ҳуҷайраҳои нав ва ивазу нав гардидани ҳуҷайраҳои бадани одам ёрӣ мерасонад.

Илми тиб муқаррар кардааст, ки хўрокхўрӣ бояд мувофиқи синну сол ва навъи шуғли меҳнатии одам тартиб дода шавад ва дар ин ҳол шароити мушаххаси зиндагӣ ва ҳолати тандурустии ҳар кас, хусусияти инфиродиаш, яъне қадду қомат, вазн ва сахтии баданашро ба назар гирифтан лозим аст.

Хўрок бояд тамоми энергияи сарф кардаи одамро пурра кунад. Аз ин ҷиҳат дар таркиби хўрок бояд миқдори муайяни сафеда, ҷарб, ангиштоб, витамин (моя), моддаҳои маъданӣ мавҷуд бошад.

Одами калонсол бояд дар як шабонарўз қариб 100 грамм сафеда истеъмол намояд. Сафедаҳои гўшт, шир, маҳсулоти ширӣ, тухми мурғ аз ҳама муфиданд. Карбогидрат ва ангиштҳо дар хўроки омехтаи одам миқдоран зиёд буда, манбаи бисёр арзони энергия мебошанд. Мо онҳоро аз қанд, нон, шавла, картошка, сабзавот, меваҳо ва асал мегирем. Одами куҳансол қариб ба 400 грамм ангиштҳо эҳтиёҷ дорад. Дар бобати ба ҷарб таъмин кардани организм саҳми махсусан маҳсулоти ширӣ—равғани маска, қаймоқ, творог, панир ва зардии тухму равғани моҳӣ, ғайра калон аст. Яъне онҳо дар бобати таъмини организми инсон бо ҷарбҳо, ки ба якшабонарўз тақрибан ба 70-90 грамм баробар аст, нақши калон мебозанд.

Хўрокхўро мувофиқи меъёр хўрдан аҳамияти калон дорад. Таркиби хўроки якшабонарўзӣ 60 фоиз ангиштобҳо, 24 фоиз равғаниҳо ва 16 фоиз сафедаҳо буданаш лозим аст. Ба нонушта ва хўроки нисфирўзӣ хўрокҳои сафедадор—гўшту моҳӣ, сабзавот, тухм, творог, панир ва таомҳои лубиёгӣ тавсия карда мешавад. Бегоҳӣ хўрокиҳои ширӣ, сабзавотӣ ва ярмагиро истеъмол бояд кард. Хўроки бегоҳиро камаш якуним-ду соат пеш аз хоб хўрдан лозим. Пеш аз хоб як пиёла ҷурғот истеъмол кардан фоида дорад.

Қоидаи хўрокхўрӣ масъалаи басо муҳим аст. Онро вайрон кардан маънои тандурустиро аз даст доданро дорад.

Тасҳеҳ

Сарлавҳаи мақолаи Ф.Исомиддинов ва М. Кабировҳо дар шумораи гузаштаи (22 январи соли 2003) рўзнома ба тариқи зайл хонда шавад: «Аз асолати хеш дур нашавем».

Овози тоҷик

МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
Тожик тилида нашр этилади.

Сармуҳаррир
Эсон Турдиқулов.

Рўзнома ҳафтае ду маротиба: рўзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.

Рўзнома дар компутерхонаи идора чинда, саҳифабанд гардид.

Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рўзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.

Рўзнома дар Кумитаи давлатии матбуоти Ўзбекистон номнавис гардидааст.
Тартиби номнависшуда № 16. Г - 39
Теъдоди чоп 3000.

Ҳисоби сурати мо дар бонк:
Ҳ/С 20212000800101767001,
МФО 00423. Шўъбаи Меҳнати ЖСБ дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор: А. СУБҲОН.
Мусаҳҳеҳон: Ф. ДОНИЁРОВА,
Ҳ. КАМОЛИДДИНОВА.
Саҳифабанд: Х. ТЎХТАЕВА.

Нишонии мо:
700047 ш.Тошканд, кўчаи Матбуотчилар, 32.
Телефонҳо: қабулгоҳ 133 - 82 - 83; шўъбаи мактубҳо ва корҳои оммавӣ 136 - 57 - 28.
Индекси обуна 170.

Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ», нишонии корхона: кўчаи Буюк Турон, хонаи 41.